# МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# МАЪРӮЗАИ
# ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2019

ДУШАНБЕ – 2020

## МУНДАРИҶА

**ПЕШГУФТОР** ........................................................................ 4

**I. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2019**

1.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ........................................................................ 7

1.2. Қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ........................................................................ 12

1.3. Такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон........................................................................ 21

1.4. Баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон........................................................................ 25

Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013–2020………………………………………… 29

**II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ........................................................................ 31

2.2. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида........................................................................ 38

2.3. Ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ ........................................... 44

2.4. Ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо ва шахсони бешаҳрванд ......... 49

2.5. Ҳуқуқ ба муроҷиат........................................................ 55

2.6. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот........................................ 58

2.7. Баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила .. 62

2.8. Ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ............................ 67
2.9. Ҳуқуқи маъюбон ........................................................ 72
2.10. Ҳуқуқ ба саломатӣ..................................................... 76
2.11. Ҳуқуқ ба манзил......................................................... 80
**ХОТИМА** ......................................................................... 83

## Пешгуфтор

Дар соли 2019 дар ҷодаи ҳуқуқи инсон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Пеш аз ҳама бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, дар асоси принсипи инсондӯстӣ ва ба муносибати 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф»-ро ба имзо расониданд, ки он асосан нисбати гумонбаршудагон, айбдоршавандагон, судшавандаҳо ва маҳкумшудагон, аз ҷумла, нисбат ба ноболиғон, занон, маъюбон, шаҳрвандони хориҷӣ ва дигар шаҳрвандон татбиқ гардид, ки боз як қадами муҳим дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Гузашта аз ин, имсол аз қабули аввалин Конститутсияи даврони соҳибистиқлолӣ 25-сол пур шуд, ки меҳвари асосии онро маҳз инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин дар ин давра Гузориши даврии сеюми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ барои солҳои 2013-2017 ва Гузориши даврии дуюми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи муқаррароти Конвесия дар бораи ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо барои солҳои 2012-2017 пешниҳод шуданд.

Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо дарназардошти вазъи воқеии ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ, дастоварду камбудиҳои самтҳои алоҳидаи ҳуқуқи инсон, саҳми мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар эътироф, эҳтиром, ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқи инсон таҳия шудааст.

Дар қисми аввали Маърӯза масъалаҳои таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ ва

санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон, татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 инъикос гардидаанд.

Дар қисми дуюм мавзӯъҳои ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ, ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо ва шахсони бешаҳрванд, ҳуқуқ ба мурожиат, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила, ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳуқуқи маъюбон, ҳуқуқ ба саломатӣ ва ҳуқуқ ба манзил мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар Маърӯзаи имсола илова ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомот ҳамчунин оид ба ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо ва шахсони бешаҳрванд, ҳуқуқ ба саломатӣ ва ҳуқуқ ба манзил маълумотҳо ҷой дода шудаанд.

Дар Маърӯза инчунин, таҳлили вазъи риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, мушкилоти ҷойдошта дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо, корҳои анҷомдодашуда доир ба барқарорсозии ҳуқуқҳои халалдоршуда, тавсия ва пешниҳодҳо оид ба роҳҳои ҳалли камбудиҳо ва норасоиҳои мавҷуда баён шудаанд. Хулосаҳо дар асоси мурожиатҳои шаҳрвандон ва мониторингҳои гузаронидашуда, инчунин иттилооте, ки аз мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва васоити ахбори омма ба даст омадаанд, пешниҳод карда шудаанд.

Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2019 аз пешгуфтор, ду қисм ва хотима таркиб ёфта, бо мақсади беҳтар кардани вазъи таъмини ҳуқуқҳои инсон вобаста ба ҳар як самти баррасигардида тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.

Мақсади асосии Маърӯза ҷалб намудани таваҷҷӯҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба пешрафт ва мушкилоти ҷойдошта дар бахши ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Тоҷикистон

мебошад. Ҳамчунин, Маърӯза тақозо менамояд, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, барои бартараф намудани камбудию норасоиҳои мавҷуда дар роҳи татбиқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ эътироф кардааст, чораҳои мушаххас андешанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон итминон дорад, ки мақомоти дахлдори давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалӣ намудани тавсияҳое, ки дар маърӯзаҳои солонаи ВҲИ омадаанд, чораҳои зарурӣро меандешанд ва дар пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм мегузоранд.

Ҳамчунин Маърӯза барои дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолият менамоянд ва аҳли ҷомеа пешбинӣ шуда, дар матбуоти чопӣ ва электронӣ мавриди нашр қарор мегирад.

# I. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2019

## 1.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Соли 2019 аз таъсисёбии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 сол сипарӣ гардид.

Барои таъмини фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва амалӣ намудани ваколатҳои ӯ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2009, №673 Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шуд, ки 17 хизматчии давлатиро дар бар мегирифт. Ин шумора то соли 2019 ба 25 нафар (бе дарназардошти ҳайати хизматрасон) расонида шуд.

Бо мақсади ҷобаҷогузории кадрҳо, омӯзиш, такмили ихтисос ва азнавтайёркунии онҳо соли 2019 ду маротиба аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, як озмун барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ, ҷойивазкунии кадрҳо гузаронида шуд. Се нафар ба курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ фаро гирифта шуда, дар асоси нақшаи дохилиидоравӣ 47 дарсҳои бозомӯзӣ гузаронида шуд.

Бо тақвият ёфтани иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, нақши он ҷиҳати таҳкими механизми миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол мустаҳкам гардида истодааст.

Ҷиҳати амалисозии ваколатҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва баланд бардоштани нақши он дар ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, мутобиқи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳануз аз моҳи марти соли 2011 дар кишвар таъсиси қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба роҳ монда шуда буд.

Барои беҳтар намудани фаъолият ва ҳамоҳангсозии онҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 марти соли 2016,

№1281 тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 «Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳрҳои Хоруғ, Бохтар ва Хуҷанд мақоми Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон дода шуд.

Фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳрҳои Кӯлоб, Исфара, Турсунзода ва ноҳияҳои Рашт, Айнӣ ва Қубодиён аз ҷониби шарикони рушд, аз ҷумла Намояндагии Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон ва ТҶБ «Ҳелветас Свисс Интеркооперейшн» маблағгузорӣ мешаванд.

Айни ҳол дар Дастгоҳи марказӣ 25 нафар, намояндагиҳо 6 нафар ва дар маҷмӯъ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 31 нафар хизматчиёни давлатӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора 8 нафар ё 25,8% зан мебошанд.

Соли 2019 дар доираи ҳамкориҳо бо шарикони рушд аз ҷониби роҳбарияти мақомот 32 (с.2018 - 16) вохӯриву мулоқотҳои судманд анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, чунин вохӯриҳо бо Сафири Фавқуллода ва Мухтори Ҷумҳурии Финляндия дар Тоҷикистон ҷаноби Юха Виртане, Намояндаи доимии БРСММ дар Тоҷикистон хонум Пратибха Мехта, Мудири Шуъба оид ба корҳои Осиёи Марказии Котиботи давлатии ИМА ҷаноби Марк Мудӣ, Мудири Дафтари САҲА оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ДНДҲИ) хонум Ингибёрг Гисладоттир, Муовини мудир/Котиби зеркумитаи Шуъбаи бақайдгирӣ оид ба ниҳодҳои миллӣ ва минтақавӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсони Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон хонум Офарин Шаҳидзода ва дигарон баргузор гардиданд.

Ҳамкориҳои мақомот бо ниҳодҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсон дар Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон тақвият дода шуд. Дар доираи

ин ҳамкориҳо соли 2019 дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Алянси Авруосиёии Омбудсменҳо ҳамроҳ гардид.

Дар буҷети давлатӣ соли 2019 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 751 953 сомонӣ ҷудо шуда буд, ки назар ба соли 2018 150 818 сомонӣ зиёд аст. Дар ин сол барои Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба маблағи 1 635 325 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон ба маблағи умумии 116 628 сомонӣ ҷудо гардида, мақсаднок истифода бурда шуданд.

Инчунин дар соли 2019 аз ҳисоби маблағҳои грантӣ барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рашт аз ҳисоби Ҳелветас Свисс Интеркооперейшн ба маблағи 92048 сомонӣ, барои таъмини фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Кулоб ва ноҳияҳои Қубодиён ва Айнӣ аз ҳисоби Барномаи рушди СММ ба маблағи 129 700 сомонӣ, барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Исфара ва як воҳиди кории иловагии Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Суғд аз ҳисоби лоиҳаи «Ҳамкории наздисарҳадӣ барои дастрасӣ ба сулҳи устувор ва рушд» 94 483 сомонӣ ва барои гузаронидани мониторинги муассисаҳои будубоши доимӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби Хазинаи кӯдакони СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 70 335 сомонӣ сарф гардидааст.

Дар маҷмуъ соли 2019 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 386 566 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 22% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон дар самти таҳкими иқтидори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе мушкилот ҷой доранд.

Аз ҷумла, фаъолияти намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки мақоми вилоятӣ доранд, аз ҳисоби маблағҳои буҷети мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Хоруғ, Бохтар ва Хуҷанд маблағгузорӣ мешаванд. Мувофиқи мақсад мебошад, ки маблағгузории ин сохторҳо аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети давлатӣ барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пешбинигардида ба роҳ монда шавад. Оид ба ин масъала якчанд маротиба аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон низ эрод гирифта шудааст, зеро чунин тартиб дар таҷрибаи ниҳодҳои миллии давлатҳои дигар дида намешавад.

Тартиби маблағгузории қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ беҳбудиро тақозо мекунад. Фаъолияти қабулгоҳҳо, ки аз ҳисоби шарикони рушд дар доираи лоиҳаҳои мушаххас маблағгузорӣ мешаванд, пас аз анҷомёбии мӯҳлати татбиқи лоиҳаҳо қатъ ё боздошта мешавад.

Масалан, моҳи октябри соли 2019 фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Исфара бинобар ба итмом расидани мӯҳлати татбиқи лоиҳаи «Ҳамкории фаромарзӣ ба хотири сулҳ ва рушди устувор» ва моҳи январи соли 2020 фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рашт бинобар ба итмом расидани лоиҳаи «Волоияти қонун ва адолати судӣ» боздошта шуд. Айни ҳол аз 6 қабулгоҳи ҷамъиятии таъсисдодашуда, танҳо 3 адади онҳо фаъолият менамоянд, ки ба дастрасии аҳолӣ ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад аст, ки маблағгузории қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон марҳила ба марҳила ба буҷети давлатӣ гузаронида шавад.

Масъалаи дигаре, ки дастрасии шаҳрвандонро ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон халалдор месозад, тез-тез иваз шудани қароргоҳи доимии он дар шаҳри Душанбе мебошад. Санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон ва қонунгузории

миллӣ тақозо мекунанд, ки қароргоҳи доимии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар марказ ва барои шаҳрвандон, аз ҷумла қишрҳои осебпазири ҷомеа дастрас бошад. Вобаста ба имкониятҳо таъмин намудани чунин бино барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мувофиқи мақсад мебошад.

## 1.2. Қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Қонунгузории миллӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мурочиат намудан ба мақомоти давлатиро кафолат медиҳад. Бо истифода аз ин ҳуқуқ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мурочиат менамоянд.

Дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ба роҳ монда шудааст.

Соли 2019 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 3249 адад (с.2018 - 3522) мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 587 адад хаттӣ ва 2662 адад мурочиатҳои шифоҳӣ мебошанд. Аз ин шумора, 700 адад (с.2018 - 599 адад) дар Дастгоҳи марказӣ ва 2549 адад (с.2018 - 2923 адад) дар намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба қайд гирифта шуданд.

Аз 700 адад мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар Дастгоҳи марказӣ ба қайд гирифта шуданд, 302 адад (с.2018 - 225) аризаву шикоятҳои хаттӣ ва 398 адад (с.2018 - 374) мурочиатҳои шифоҳӣ буда, 398 адад ё 56,8% ба занҳо рост меояд.

Соли 2019 нисбат ба соли 2018 воридшавии мурочиатҳои хаттӣ аз ҷониби сокинони шаҳри Душанбе (43), вилояти Суғд (29), ВМКБ (5), мақомоти дигар давлатҳо (19) адад зиёд шуда, аз ҷониби сокинони вилояти Хатлон (5), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (6) ва тавассути ташкилотҳо (3) кам шудааст (нигаред ба диаграмма).




Мурочиатҳои хаттӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон тааллуқ доранд:

а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (138 адад):

– ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 55 адад ё 18,2% (с.2018 - 25);

– ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 24 адад ё 7,9% (с.2018 - 30);

– ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканча, муомилаи бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф – 18 адад ё 5,9% (с.2018 - 3 адад);

– ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 18 адад ё 5,9% (с.2018 - 4 адад);

– ҳуқуқ ба мурочиат – 11 адад ё 3,6% (с.2018 - 4 адад);

– ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ – 4 адад ё 1,3% (с.2018 - 3 адад);

– ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот – 4 адад ё 1,3%.

– ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ – 2 адад ё 0,6%;

– ҳуқуқи шахсони бешаҳрванд – 2 адад ё 0,6%;

б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (136 адад):

– ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 30 адад ё 9,9% (с.2018 - 10 адад);

– ҳуқуқ ба манзил – 23 адад 7,6% (с.2018 - 22 адад);

– ҳуқуқ ба моликият – 22 адад ё 7,2% (с.2018 - 8 адад);

– ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ – 15 адад ё 4,9% (с.2018 - 8 адад);

– ҳуқуқ ба меҳнат – 12 адад ё 3,9% (с.2018 - 6 адад);

– ҳуқуқ ба саломатӣ – 7 адад ё 2,3%;

– ҳуқуқ ба ҳимоя – 6 адад ё 1,9%;

– ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил – 4 адад ё 1,3%;

– баробарии гендерӣ ва пешгирии зуроварӣ дар оила – 4 адад ё 1%;

– ҳуқуқ ба замин – 4 адад ё 1,3% (с.2018 - 11 адад);

– ҳуқуқ ба таҳсил – 3 адад ё 0,9% (с.2018 - 4 адад);

– ҳуқуқ ба фардият – 3 адад ё 0,9% (с.2018 - 2 адад).

– ҳуқуқ ба муҳити зисти солим – 2 адад ё 0,6% (с.2018 -1 адад);

– ҳуқуқ ба робитаҳои оилавӣ – 1 адад ё 0,3% (с.2018 - 8 адад);

в) дигар ҳуқуқҳо – 28 адад ё 9,2% (с.2018 - 50).

Дар соли 2019 дар муқоиса ба соли 2018 теъдоди мурочиатҳо нисбати ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (30), ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа, муомилаи бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф (13), ҳуқуқ ба мурочиат (7), ҳуқуқ ба моликият (14), ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (20), ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ (7) ва ҳуқуқ ба меҳнат (6) зиёд шуда, мурочиатҳо нисбат ба ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (6), ҳуқуқ ба замин (7) ва ҳуқуқ ба робитаҳои оилавӣ (7) нисбатан кам гардидаанд.

Аз 302 (с.2018 - 225 адад) мурочиатҳои хаттии ба Дастгоҳи марказӣ воридгадида нисбат ба қарор ё амал (беамалии) субъектони зерин шикоят карда шудааст:

– нисбати мақомоти Суд – 51 адад ё 17% (с.2018 - 50 адад);

– нисбати шахсони воқеӣ – 27 адад ё 9% (с.2018 - 9 адад);

– нисбати мақомоти прокуратура – 24 адад ё 8% (с.2018 - 7 адад);

– нисбати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 23 адад ё 7,6% (с.2018 - 24 адад);

– нисбати шахси ҳуқуқӣ – 20 адад 6,6% (с.2018 - 7 адад);

– нисбати мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ – 16 адад ё 5,3% (с.2018 - 4 адад);

– нисбати Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 11 адад ё 4% (с.2018 - 2 адад);

– нисбати Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5 адад ё 1,7% (с.2018 - 4 адад);

– нисбати КДАМ – 5 адад ё 1,7% (с.2018 - 1 адад);

– нисбати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 2 адад ё 0,7% (с.2018 - 1 адад);

– нисбати Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2 адад ё 0,6%;

– нисбати мақомоти давлатии дигар давлат – 2 адад ё 0,6% (с.2018 - 3 адад);

– нисбати Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 адад ё 0,3%;

– нисбати Консерваторияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 адад ё 0,3%;

– мусоидат дар ҳалли дигар масъалаҳо – 112 адад ё 37% (с.2018 - 99 адад).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2019 дар муқоиса ба соли 2018 шикоятҳо нисбат ба мақомоти судӣ, прокуратура, адлия, мудофиа, амният, иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ бештар гардида, нисбат ба вазорати корҳои дохилӣ кам шудаанд.

Дар ин давра дар Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 398 адад (с.2018 - 374 адад) муроҷиатҳои шифоҳӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 56,8% муроҷиатҳоро ташкил медиҳанд.

Тибқи таснифот муроҷиатҳои шифоҳии бақайдгирифташуда ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ:

– ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 35 адад ё 9% (с.2018 - 59 адад);

– ҳуқуқ ба мурочиат – 21 адад ё 5,4% (с.2018 - 23 адад);

– ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 15 адад ё 4% (с.2018 - 28 адад);

– ҳуқуқ ба муоширaт – 9 адад ё 2,3%;

– ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 6 адад ё 1,5% (с.2018 - 9 адад);

– ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ ва озодӣ аз шиканҷа – 4 адад ё 1%;

– ҳуқуқ ба мусофират – 3 адад ё 0,9%;

– ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 2 адад ё 0,6% (с.2018 - 3 адад);

б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ:

– ҳуқуқ ба манзил – 39 адад ё 10% (с.2018 - 31 адад);

– ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 29 адад ё 7,5% (с.2018 - 45 адад);

– ҳуқуқ ба моликият – 24 адад ё 6,2% (с.2018 - 22 адад);

– ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, дар оила тарбия гирифтан – 19 адад ё 5%;

– ҳуқуқ ба таҳсил – 12 адад ё 3% (с.2018 - 10 адад);

– ҳуқуқ ба саломатӣ – 11 адад ё 2,8% (с.2018 - 3 адад);

– ҳуқуқ ба меҳнат – 8 адад ё 2% (с.2018 - 5 адад);

– ҳуқуқи ҳифз аз зӯроварӣ дар оила – 7 адад ё 1,8% (с.2018 - 12 адад);

– ҳуқуқи соҳибкорон – 1 адад ё 0,3%;

– ҳуқуқи кӯдакони маъюб – 3 адад ё 0,9%;

– ҳуқуқ ба мерос – 1 адад ё 0,3% (с.2018 - 1 адад);

– ҳуқуқ ба фардият – 1 адад ё 0,3% (с.2018 - 7 адад);

в) дигар масъалаҳо – 63 адад ё 15,8% (с.2018 - 85 адад).

Таҳлили мурочиатҳо нишон медиҳад, ки мурочиатҳо вобаста ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ кам гардида, оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ бештар гардидаанд.

Дар мурочиатҳои шифоҳии ба мақомот воридшуда шаҳрвандон нисбат ба қарор ё амали (беамалии) субъектони зерин шикоят кардаанд:

– нисбати мақомоти Суд – 38 адад ё 9,8% (с.2018 - 61 адад);

– нисбати Вазорати корҳои дохилӣ – 18 адад ё 4,6% (с.2018 - 27 адад);

– нисбати мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – 16 адад ё 4% (с.2018 - 4 адад);

– нисбати мақомоти прокуратура – 7 адад ё 1,8% (с.2018 - 10 адад);

– нисбати Хадамоти ичрои назди Ҳукумати Чумҳурии Точикистон – 5 адад ё 1,3%;

– нисбати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Чумҳурии Точикистон – 5 адад ё 1,3% (с.2018 - 5 адад);

– нисбати Вазорати маориф ва илм – 1 ё 0,3% (с.2018 - 14 адад);

– нисбати КДАМ Чумҳурии Точикистон – 1 адад ё 0,3% (с.2018 - 1 адад);

– нисбати Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждани – 1 адад ё 0,3%;

– нисбати Раёсати Агентии нафақа ва суғуртаи ичтимоӣ – 1 адад ё 0,3%;

– нисбати Роҳбарияти намояндагии мактаби Кембридж дар Душанбе – 1 адад ё 0,3%;

– нисбати роҳбарияти Консерваторияи миллӣ – 1 адад ё 0,3%;

– нисбати шахси ҳуқуқӣ – 15 адад ё 3,9% (с.2018 - 30 адад);

– нисбати шахси воқеӣ – 30 адад ё 7,7% (с.2018 - 43 адад);

– мусоидат дар ҳалли дигар масъалаҳо – 173 адад ё 44,5% (с.2018 - 158 адад).

Мурочиатҳои шифоҳии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соли 2019 дар муқоиса ба соли 2018 нисбати мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ (12) ва мусоидат дар ҳалли дигар масъалаҳо (15) бештар гардида, нисбати дигар субъектҳои шикоят кам гардидаанд.

Соли 2019 дар Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 45 адад (14 мурочиати хаттӣ ва 31 мурочиати шифоҳӣ) ё 6,4% (с.2018 - 55 адад) мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мусбат ҳал карда шудаанд.

Аз ҷумла, бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба мурочиати шаҳрванд С.А. нисбати корманди Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вобаста ба мурочиати шаҳрванд Р.Г. нисбати шавҳараш К.А. парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд, вобаста ба мурочиати шаҳрванд Ҳ.М. ҷойи нигоҳдошти шавҳараш – маҳкумшуда С.А. ва вобаста ба мурочиати Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон ҷойи нигоҳдории шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон – айбдоршавандаҳо Т.С. ва Т.А. муайян карда шуд, ба шаҳрванд З.Г. ҷиҳати дастрас намудани нусхаи ҳукми Суди ноҳияи Марказии шаҳри Новосибирски ФР, ба шаҳрванд Г.В. барои гирифтани маълумотнома аз ҷои зист ва дохил намудан ба рӯйхати оилаҳои камбизоат, ба шаҳрванд Н.М. ҷиҳати дохил намудан ба рӯйхати оилаҳои камбизоат, ба шаҳрванд Р.Г. ҷиҳати таҳсил дар маркази таълими калонсолон ва гирифтани ихтисос, ба шаҳрванд М.С. ҷиҳати таъмин намудан бо ҷои зист мусоидат карда шуд.

Ҳамчунин дар доираи ҳамкориҳо бо ваколатдорони ҳуқуқи инсони субъектҳои ФР ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Нижегородски ФР оид ба дастрас намудани маълумотнома дар хусуси мансубияти шаҳрвандии Г.С., ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Свердловски ФР оид ба дастрас намудани маълумотнома дар хусуси мансубияти шаҳрвандии С.Л., ба шаҳрванди ФР К.В. барои дастрас намудани нусхаи қайди санад дар бораи таваллудаш, ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вилояти Нижегородскии ФР

оид ба дастрас намудани маълумотнома дар хусуси мансубияти шаҳрвандии А.А. мусоидат карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 2549 адад (с.2018 - 2923 адад) муроҷиатҳои шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо муроҷиатҳои хаттӣ 285 адад (с.2018 - 632 адад) ва муроҷиатҳои шифоҳӣ 2264 адад (с.2018 - 2291 адад)-ро ташкил медиҳанд.

Тибқи таснифот муроҷиатҳои хаттӣ (285 адад), ки аз тарафи намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баррасӣ шудаанд, ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (59 адад):

– ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 26 адад ё 9% (с.2018 - 97);

– ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 20 адад ё 7%;

– ҳуқуқ ба муроҷиат – 7 адад ё 2%.

– ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 6 адад ё 2% (с.2018 - 25);

б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (226 адад):

– ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 52 адад ё 18% (с.2018 - 86);

– ҳуқуқ ба алимент – 38 адад ё 13% (с.2018 - 31);

– ҳуқуқ ба манзил – 30 адад ё 10% (с.2018 - 20);

– ҳуқуқ ба замин – 27 адад ё 9% (с.2018 - 58);

– ҳуқуқ ба меҳнат – 23 адад ё 8% (с.2018 - 32);

– ҳуқуқи маъюбон – 19 адад ё 7%;

– ҳуқуқ ба робитаҳои оилавӣ – 13 адад ё 4%;

– ҳуқуқ ба моликият – 12 адад ё 4%;

– ҳуқуқ ба мерос – 10 адад ё 3% (с.2018 - 42);

– ҳуқуқ ба саломатӣ – 2 адад ё 1%.

Таҳлили муроҷиатҳои ба намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридгардида нишон медиҳад, ки муроҷиатҳо доир ба ҳуқуқ ба манзил (10),

ҳуқуқ ба алимент (7), ҳуқуқи маъюбон (19) ва ҳуқуқ ба моликият (12) бештар гардидаанд.

Ҳамаи аризаву шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо риояи мухлатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва тибқи талаботи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шудаанд.

## 1.3. Такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон

Бо мақсади мусоидат намудан дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҷониби роҳбарият ва кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2019 ба 26 лоиҳаи (с.2017 - 61) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо хулосаҳо омода ва пешниҳод шуданд (нигаред ба диаграмма).




Лоиҳаҳо аз мақомоти зерин ворид гардидаанд:

– Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 (лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5 (лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Вазорати адлия – 6 (4 лоиҳаи Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Вазорати корҳои дохилӣ – 4 (2 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Вазорати корҳои хориҷӣ – 1 (лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ – 3 (2 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Вазорати маориф ва илм – 1 (лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2 (1 лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

– Маркази миллии Қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 (лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Академияи илмҳо – 1 (лоиҳаи Консепсия);

– Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон – 1 (лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Соли 2019 оид ба фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқҳои инсон 140 (с.2017 - 191) маълумотнома ва ахбору гузоришҳо ба мақомоту идораҳои зерин пешниҳод карда шудаанд:

– Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 83;

– Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 18;

– Вазорати корҳои хориҷӣ – 11;

– Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ – 6;

– Вазорати адлия – 4;

– Прокуратураи генералӣ – 3;

– Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия – 3;

– Вазорати рушди иқтисод ва савдо – 2;

– Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2;

– Маҷлиси намояндагони МО Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1;

– Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1;

– Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 1;

– Вазорати маориф ва илм – 1;

– Кумитаи давлатии амнияти миллӣ – 1;

– Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1;

– Шурои миллии муқовимат бо коррупсия – 1;

– Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон – 1.

Инчунин дар ин давра кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар фаъолияти 17 (с.2018 - 16) комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳо вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон иштирок намуданд.

Фаъолияти гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба мониторинги муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, Кумитаи роҳбарикунандаи лоиҳаи шарикии СММ барои пешбурди ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ, гурӯҳи кории татбиқи Ҳадафи 16 Ҳадафҳои Рушди Устувор, Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои уҳдадориҳои Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак, оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 ва ғайраҳо самаранок буданд.

Дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар 8 (с.2018 - 11) мурофиаҳои судӣ иштирок намуданд.

Тибқи Барномаи амали мақомот, нақшаи кори Гурӯҳи мониторингӣ, дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва бо супориши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон соли 2019 92 (с.2018 - 57) санҷишу мониторинг ва боздид (41 санҷиш, 32 мониторинг ва 19 боздид) гузаронида шуданд. Аз ҷумла, 16 муассисаи пӯшида ва қисман пӯшида, 16 муассисаҳои таҳсилотӣ томактабӣ ва ҳамагонӣ, 8 маркази саломатӣ, 7 муассисаи

будубоши доимии кӯдакон мавриди санҷишу мониторинг қарор дода шуданд.

Аз натиҷаи санҷишу мониторингҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба роҳбарони мақомоту идораҳои дахлдор гузоришу тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

## 1.4. Баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон мебошад. Соли 2019 низ дар ин самт як қатор корҳои назаррас анҷом дода шуданд. Аз ҷумла таҷрибаи таъмини баромадҳо дар асоси нақшаҳои якҷоя бо Радиои «Тоҷикистон», Радиои «Садои Душанбе» ва ТВ «Ҷаҳоннамо» идома дода шуд.

Инчунин тадбирҳои самарабахши иттилоотӣ аз қабили баргузор намудани вохӯрию мулоқот бо аҳолӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳои омӯзишӣ, машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ, баромад дар телевизион ва радио, нашри мақола, чоп ва паҳн намудани «Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Ҷумҳурии Тоҷикистон», китобу брошура, сомонаҳои www.ombudsman.tj, www.vhk.tj истифода гардиданд.

Барои таъмини дастрасии бештар ба фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон санаҳои 31 январ ва 18 июл нишастҳои матбуотӣ баргузор карда шуданд. Аз натиҷаи нишастҳои матбуотии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба фаъолияти мақомот дар телевизион ва радио иттилоъ пахш гардида, дар матбуоти даврӣ ва электронӣ хабару мақолаҳо ба нашр расиданд.

Соли 2019 нисбат ба соли 2018 хабар, гузориш ва баромади кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВАО бештар гардид. Дар ин сол 341 баромад (с.2018 - 327) (79 баромад дар ТВ, 115 баромад дар радио, 42 мақола дар матбуоти даврӣ ва 105 мавод дар матбуоти электронӣ) дар воситаҳои ахбори омма таъмин карда шудааст (нигаред ба диаграмма).




Дар соли 2019 бо ибтикори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 47 (с.2018 - 63) семинару конференсия ва мизҳои мудаввар гузаронида шуд. Аз ҷумла, 4 январ оид ба омӯзиши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 феврал бахшида ба 26-солагии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 март бахшида ба Рӯзи Модар, 20 март бахшида ба иди Наврӯз, 23 май бахшида ба Рӯзи ҷавонон, 26 июн бахшида ба рӯзи Ваҳдати миллӣ, 4 сентябр бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатӣ бо ҷалби олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 октябр бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ, 25 октябр бахшида ба 25 солаги Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 ноябр бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 ноябр бахшида ба рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 декабр бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон бо ҷалби намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагон, вазорату идораҳои давлатӣ, корпусҳои дипломатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО мизҳои мудаввар баргузор карда шуданд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №593 «Дар бораи Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 21-22 майи соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва дурнамо» баргузор гардид.

Дар кори конференсия ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Озорбойҷон, муовини роҳбари Дастгоҳи кории Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Федератсияи Россия, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилояти Саратови Федератсияи Россия, Намояндаи Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ, муовини мудири шуъбаи ниҳодҳои миллӣ ва механизмҳои минтақавии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Роҳбари Департамент оид ба ҳуқуқи инсони Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони САҲА, ҷамъ 19 нафар аз хориҷи кишвар, 24 нафар аз корпусҳои дипломатии муқими Душанбе, 11 нафар аз сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, 56 нафар аз мақомоту идораҳои давлатӣ, 11 нафар аз воситаҳои ахбори умум ва 8 нафар волонтёрон-донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ 130 нафар иштирок намуданд.

Дар асоси банди 18-уми Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври дуюм) барои солҳои 2017-2020 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли 2019 дар ҳамкорӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ноҳияи А.Ҷомӣ (8 август), шаҳри Роғун (13 сентябр) ва шаҳри Истаравшан (20 сентябр) чорабиниҳои иттилоотӣ баргузор намуд. Чорабиниҳои мазкур барои ташвиқу тарғиби дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқи инсон ва боз ҳам боло бурдани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ равона шуда буданд.

Ҳамчунин дар соли 2019 маводҳои зерин таҳия, тарҷума ва нашр карда шуданд:

| № | **Номи мавод** | **Теъдод** |
|---|---|---|
| 1. | Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 | 300 нусха |
| 2. | Маърӯзаи ВҲК Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 | 300 нусха |
| 3. | «Ахбори Ваколатдор» нашри 29-ум | 360 нусха |
| 4. | «Ахбори Ваколатдор» нашри 30-юм | 360 нусха |
| 5. | «Ахбори Ваколатдор» нашри 31-ум | 360 нусха |
| 6. | Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон: 10 соли ташаккул ва рушд | 150 нусха |
| 7. | Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва дурнамо» | 100 нусха |
| 8. | Маводи иттилоотӣ (Буклет) барои сокинони минтақаҳои наздисарҳадии шаҳри Исфара ва ноҳияи Б.Ғафуров | 2300 нусха |
| 9. | Эъломияи Мерид (Мексика) оид ба нақши Ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон дар амалисозии рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 | Тарҷума |
| 10. | Принсипҳои марбут ба мақоми муассисаҳои миллӣ, ки ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғуланд (Принсипҳои Париж) | Тарҷума |
| 11. | Принсипҳои Белград оид ба фаъолияти якҷояи ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон ва парламентҳо | Тарҷума |

## Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020

Дар доираи амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 соли 2019 аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Нақшаи чорабиниҳо барои марҳилаи сеюм (солҳои 2019-2020) таҳия ва 28 марти соли 2019 дар ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ тасдиқ карда шуд. Дар ҷаласаи мазкур натиҷаҳои марҳилаи дуюми Барномаи таълим, ки аз ҷониби коршиноси мустақил таҳлил ва баҳодиҳӣ гардида буд, мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №8 аз 26 январи соли 2016 бобати таъмини иҷрои саривақтӣ ва самарабахши тавсияҳои мақомоти СММ ва дигар масъалаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон кормандони масъули (шахсони тамоси) вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда шудаанд.

Соли 2019 бо мақсади тақвият додани донишҳои касбии шахсони тамос (34 нафар) Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо Дафтари барномаҳои САҲА дар шаҳри Душанбе ду маротиба (рӯзҳои 23-27 апрел ва 29 октябр то 1 ноябри соли 2019 дар истироҳатгоҳи «Сароб» ва «Сафеддара»-и ноҳияи Варзоб) тренингҳои омӯзишӣ баргузор намуд.

Дар доираи амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 15 нафар намояндагони вазорату идораҳо муддати ду сол омӯзонида шуда, соли 2018 соҳиби сертификати дахлдори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда буданд. Ҷиҳати тақвияти донишҳои касбии онҳо рӯзи 5 декабри соли 2019 дар шаҳри Душанбе семинар гузаронида шуд.

Бо иштироки тренерони мазкур барои судяҳо-коромӯзони Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 29-30 апрел ва 2-3 майи соли 2019 ва барои омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон»-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Лахш, Ҳамадонӣ ва Фархор семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Дар назар аст, ки фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 бо дастгирии шарикони рушд идома дода мешавад.

# II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ҳуқуқи мутлақ ва дахлнопазири инсон буда, амалияи мунтазами истифодаи он ҳамчун ҷинояти хусусияти байналмилалӣ, зидди инсоният ва вайронкунии ҷиддии ҳуқуқи инсон эътироф шудааст.

Мутобиқи санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ шиканҷа ва дигар намудҳои муносибатҳои бераҳмона манъ карда шудааст.

Конститутсияи Тоҷикистон дар заминаи принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд таҳия ва қабул шудааст, ки яке аз онҳо манъи шиканҷа мебошад. Дар банди 3 моддаи 18 он омадааст, ки «Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад».

Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (минбаъд Конвенсияи зидди шиканҷа) низ истифодаи ин амалҳо манъ карда шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои мазкур ҳамроҳ гардида, уҳдадор шудааст, ки барои пешгирии шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона тадбирҳои муассир андешад.

Бо ин мақсад дар Кодекси ҷиноятӣ моддаи нави $143^1$ «Шиканҷа» ворид карда шуда, манъи шиканҷа дар кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» пешбинӣ шудааст.

Ҷиҳати татбиқи қонунгузории мазкур, аз ҷумла баррасии арзу шикоятҳо оид ба шиканҷа дар рафти таҳқиқу тафтиш ва

муҳокимаи судӣ, банду басти кирдорҳои шахсони гунаҳгор ва ғайра қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2012, №1 «Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа» қабул гардидааст.

Дар асоси тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи СММ 16 октябри соли 2019 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид гардида, ба ҷои ҷазои ҷарима ҷазои маҳрум намудан аз озодӣ ба муҳлати аз 5 то 15 сол пешбинӣ карда шуд. Тибқи тағйироти мазкур шахсоне, ки даст ба ҷинояти шиканҷа мезананд, баъди адои ҳукм то 5 сол аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян маҳрум карда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои ухдадориҳои байналмилалии худ дар ин самт то имрӯз ба Кумитаи зидди шиканҷаи СММ се маротиба Гузоришҳои даврии миллӣ пешниҳод намудааст.

Аз натиҷаи баррасии Гузориши даврии сеюм Кумитаи зидди шиканҷа ба Тоҷикистон тавсияҳои дахлдорро пешниҳод намуд. Ҷиҳати иҷрои тавсияҳои мазкур Нақшаи милии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи СММ барои солҳои 2019-2022 тасдиқ гардида, амалисозии он роҳандозӣ карда шуд.

Қобили тазаккур аст, ки солҳои охир фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО дар самти иттилоотонӣ ва муҳокимаи шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона тақвият ёфта, ба ВАО имконияти ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҷомеа ба мушкилоти шиканҷа фароҳам оварда шуд.

Дар самти пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона баъзе мушкилот вуҷуд доранд.

Аз ҷониби Тоҷикистон то ҳол Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа, ки таъсиси Механизми мустақили пешгирикунанда ва тафтиши шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмонаро пешбинӣ мекунад, ба тасвиб расонида нашудааст.

Дар ин бора тавсияҳои сохторҳои дахлдори СММ низ пешниҳод шудаанд.

Таҳлилҳои муроҷиатҳои ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридшуда нишон медиҳад, ки ҳолатҳои шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона бештар дар марҳилаи дастгиркунӣ, таҳқиқ, тафтиш ва муассисаҳои ислоҳӣ ба назар мерасанд. Омилҳои асосии бавуҷудоварандаи шиканҷа тарзу усулҳои ғайриқонунии ба даст овардани далелҳо, нокифоягии донишҳои касбии кормандони мақомоти таҳқиқу тафтиш, сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон, набудани шароит барои саривақт муроҷиат кардани онҳо ба мақомоти назоратӣ ва муассисаҳои тандурустӣ бо мақсади муайян намудани нишонаҳои шиканҷа, зиёд нишон додани ошкоркунии ҷиноятҳо ва ғайра мебошанд.

Ҳамчунин мушкилоти вобаста ба саривақт таъмин нашудан бо адвокат, фавран аз муоинаи корманди тиббии мустақил гузаронида нашудани ҷабрдида ва ба маълумоти ҷабрдида саривақт расонида нашудани натиҷаи ташхису муоинаи тиббӣ, дар қонунгузорӣ пешбинӣ нагардидани тартиби пешниҳоди ҷубронпулиҳо ва расмиёти тавонбахшӣ ба ҷабрдидагон, ҳолатҳои алоҳидаи таҳаммулпазирии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбати шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона ҷой доранд.

Тибқи қонунгузорӣ тафтиши пешакии парвандаҳо оид ба шиканҷа ба салоҳияти мақомоти прокуратура дохил мешавад. Аз маълумоти Прокуратураи генералӣ бармеояд, ки соли 2019 ба мақомоти мазкур вобаста ба эҳтимолияти шиканҷа 10 муроҷиат ворид гардида, танҳо дар як ҳолат тасдиқи худро ёфтааст. Он ҳам бошад, оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати кормандони РВКД дар шаҳри Душанбе С.А., Н.Ф. ва дигарон бо банди «б» қисми 2 моддаи $143^1$ КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки нисбат ба шаҳрвандон С.Ҳ. бо мақсади гирифтани нишондоди худиқрорӣ аз қувваи барқ ва лату кӯб истифода кардаанд.

Аз рӯи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ вобаста ба шиканҷа 2 парванда нисбати 4 нафар (соли 2018 1 парванда нисбати 2 нафар) баррасӣ шуда, ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ таъин карда шудааст.

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаоварии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти мазкур аз ҷониби шаҳрвандон, маҳкумшудагон ва наздикони онҳо оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа муроҷиат ворид нагардидааст.

Ҳамзамон ба ТҶ Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон дар соли 2019 оид ба эҳтимолияти шиканҷа ва муносибати бераҳмона 52 муроҷиат ба қайд гирифта шудааст.

Соли 2019 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона 18 (с.2018 – 13) муроҷиат ворид гардидааст, ки аз онҳо 13 адад ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ва 5 адад ба эҳтимолияти истифодаи муносибатҳои бераҳмона дахл доранд. Аз 13 муроҷиатҳои ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридшуда шаҳрвандон дар 4 ҳолат аз амалҳои ғайриқонунии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар 9 ҳолати дигар аз эҳтимолияти истифодаи шиканҷа дар муассисаи ислоҳӣ шикоят намудаанд.

Мазмуни аксари шикоятҳоро вайрон шудани ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат бераҳмона нисбати шахсоне, ки ҷазоро дар муассисаҳои ислоҳӣ адо менамоянд, ташкил медиҳанд. Муроҷиаткунандагон инчунин дар хусуси истифода шудани усулҳои ғайриқонунии гирифтани нишондоди иқроршавӣ аз ҷониби кормандони мақомоти таҳқиқ ва тафтишот шикоят мекунанд. Барои тағйир додани

чунин муносибат зарур аст, ки назорати тафтишот пурзӯр ва сатҳи фарҳанги кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳолӣ баланд бардошта шавад. Ҳангоми баррасии шикоятҳо кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба муроҷиаткунандагон тарзу воситаҳои ҳифзи ҳуқуқҳояшонро мефаҳмонанд.

Агар дар соли 2018 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона 13 муроҷиат ворид гардида бошад, соли 2019 ин нишондиҳанда 18 ададро ташкил мекунад. Аз ин 13 адад оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ва 5 адад оид ба эҳтимолияти истифодаи муносибатҳои бераҳмона.

Мазмуни аксари шикоятҳоро вайрон шудани ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат бераҳмона нисбати шахсоне, ки ҷазоро дар муассисаҳои ислоҳӣ адо менамоянд, ташкил медиҳанд. Муроҷиаткунандагон инчунин дар хусуси истифода шудани усулҳои ғайриқонунии гирифтани нишондоди иқроршавӣ аз ҷониби кормандони мақомоти таҳқиқ ва тафтишот шикоят мекунанд. Ҳангоми баррасии шикоятҳо кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба муроҷиаткунандагон тарзу воситаҳои ҳифзи ҳуқуқҳояшонро мефаҳмонанд.

Муроҷиатҳои мазкур тибқи тобеият ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуда, тасдиқи худро наёфтанд.

Бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар асоси муроҷиати шаҳрвандон Р.Г., Р.Т. ва Ё.Х. вобаста ба истифодаи муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф нисбати гунаҳгорон парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуданд.

Дар самти пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф соли 2019 аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон як қатор чорабиниҳои иттилоотӣ анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар

мутахассисони соҳа дар сохторҳои ВКД дар шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошими ВМКБ вохӯриҳо ва мизҳои мудаввар дар мавзӯъҳои «Ҳуқуқҳои дастгиршудагон», «Пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф», «Пешгирии терроризм ва ифротгароӣ» ташкил ва гузаронида шуданд.

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар ин самт аз ҷониби кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВАО мавзӯъҳои «Фаъолияти Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тақвият меёбад», «Шиканҷа амали нораво ва ҷиноят аст», «Конститутсия ва қонунгузории Тоҷикистон шиканҷа ва дигар намудҳои муносибатҳои бераҳмонаро манъ менамоянд» ва «Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона» инъикос гардиданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– таъмини тафтишоти саривақтӣ, ҳаматарафа ва беғаразонаи тамоми мурочиатҳо оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибатҳои бераҳмона;**

**– гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибатҳои бераҳмона;**

**– ба тасвиб расонидани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва таъсис додани механизми миллии пешгирии шиканҷа.**

**– дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани расмиёти тавонбахшии ҷабрдидагони шиканҷа ва таъмини пешниҳоди товони зарари пурра ба ҷабрдидагони шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона ва оилаҳои онҳо;**

**– таъсис додани ниҳоди экспертизаи тиббии судии мустақил;**

**– баланд бардоштани сатҳи огоҳонии аҳолӣ оид ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона.**

## 2.2. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида

Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида дар санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ танзими ҳамаҷонибаи худро ёфтааст.

Дар ҷумҳурӣ низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба салоҳияти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия вогузор карда шудааст. Сохтори мазкур дорои 6 тавқифгоҳи тафтишотӣ, 1 маҳбас, 12 муассисаҳои ислоҳӣ ва 1 муассисаи табобатӣ мебошад. Тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия дар муассисаҳои низомашон пурзӯр ва сахт – 7512 нафар, дар муассисаҳои сукунатӣ – 223 нафар адои ҷазо менамоянд, ки 139 нафарашон занон мебошанд.

Дар сохтори Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 муассиса дорои корхонаҳои истеҳсолӣ буда, бо мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ барқарорсозӣ ва таъмири асосии се сеххои истеҳсолӣ амалӣ карда шуда, дастгоҳу таҷҳизотҳои нави замонавӣ набс карда шуданд.

Сохтмони иншооти нави муассисаи ислоҳӣ дар шаҳри Ваҳдат идома дошта, сохтмони тавқифгоҳи тафтишотии нави замонавӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ оғоз гардидааст.

Соли 2019 ба муносибати ҷашни 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ бо иқдоми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» қабул шуд. Қонуни мазкур нисбат ба 20 000 нафар гумонбаршудагон, айбдоршавандагон, судшавандаҳо ва маҳкумшудагон татбиқ гардид.

Тавре аз маълумоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, шумораи парвандаҳои ҷиноятии таҳти тафтиши пешакӣ қарордошта, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф” аз 25 октябри соли 2019 қатъ

гардидаанд, дар маҷмуъ 1615 ададро ташкил медиҳанд, ки аз ин 876-то ба мақомоти корҳои дохилӣ, 410-то ба мақомоти прокуратура, 198-то ба мақомоти амнияти миллӣ, 117-то ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва 14-то ба Агентии назорати маводи нашъаовар мансуб мебошанд.

Аз рӯи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни мазкур аз муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 10555 нафар озод гардиданд.

Тибқи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 5624 нафар Қонуни авф татбиқ карда шуда, аз ҷумла 1370 нафар аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуданд.

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намуд, ки вобаста ба Қонуни авф 1217 парванда, аз ин 1099 адад парвандаҳои ҷиноятӣ ва 118 адад маводи дар пешбурдашон қарордошта бо 1364 лаҳзаи ҷиноят нисбати 1390 нафар қатъ ва аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст.

Соли 2019 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар самти ҳифзи ва пешбурди ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида як қатор корҳоро ба сомон расонид.

Дар ин раванд, аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ва риояи ҳуқуқи беморони рӯҳӣ дар Маркази бемориҳои руҳӣ ва ёрии норкологии ноҳияи Б. Ғафуров ва Маркази руҳшиносии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд, «Беморхонаи руҳӣ»-и ноҳияи Рошткалъаи ВМКБ, Маркази вилоятии равонпизишкӣ дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, шуъбаи Раёсати Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон, дар ҷойи нигоҳдории дастгиршудагон дар Раёсати Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғи ВМКБ, дар ҷойи нигоҳдории дастгиршудагон дар Раёсати Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии РВКД-и шаҳри Душанбе, тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Ваҳдату Норак ва ноҳияҳои Данғараю Рӯдакӣ мониторинг гузаронида шуд.

Мониторингҳои дар тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии ВКД гузаронидашуда нишон доданд, ки пешравиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, биною иншооти тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии ШВКД дар шаҳри Ваҳдат ва ноҳияҳои Данғара ва Рӯдакӣ аз нав сохта шуда, ТНМ шаҳрҳои Душанбе ва Норак аз таъмири асосӣ бароварда шудаанд. Дар маҷмӯъ ҳолати таъминоти моддӣ-техникӣ ва санитарӣ-гигиении муассисаҳои мазкур беҳтар гардидаанд.

Дар баробари пешравиҳо дар муассисаҳои мазкур камбудиҳои зерин аз қабили, надоштани китоби арзу шикоят, нокифоя будани камераҳои мушоҳидавӣ, ҳолатҳои алоҳидаи зиёда аз се шабонарӯз рӯз нигоҳ доштани дастгиршудагон, пешбинӣ нагардидани маблағ барои хӯроки дастгиршудагон ва ғайра ошкор гардиданд.

Инчунин дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/4 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (СРИҶҶ ВА), муассисаи ислоҳии ЯС 3/7 СРИҶҶ ВА, Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/4-и СРИҶҶ ВА дар шаҳри Кӯлоб, Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/7-и СРИҶҶ ВА дар шаҳри Бохтар, Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/2-и СРИҶҶ ВА дар шаҳри Хуҷанд, муассисаи иҷрои ҷазои ЯС 3/5-и СРИҶҶ ВА дар шаҳри Хуҷанд, муассисаи иҷрои ҷазои ЯС 3/11-и СРИҶҶ ВА дар ноҳияи Б.Ғафуров, Хона-интернат барои беморони руҳии ноҳияи Б.Ғафуров, Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/5-и СРИҶҶ ВА дар шаҳри Хуҷанд, Муассисаи ислоҳии ЯС 3/6-и СРИҶҶ ВА, Муассисаи ислоҳии ЯС 3/13 СРИҶҶ ВА боздид ба амал бароварда шуд.

Зимни мониторинг ва боздидҳо шароити будубош, нигоҳдорӣ, ҳолати санитарӣ-гигиении маҳкумшудагон ва бошандагони муассисаҳои зикршуда мавриди санҷиш қарор

дода шуд. Дар баробари беҳтар шудани вазъ дар муассисаҳои мазкур баъзе камбудиҳо низ ошкор гардиданд. Аз ҷумла:

– фарсудагии қисматҳои алоҳидаи биною иншоотҳо, низоми обтаъминкунӣ, канализатсия, ҳавокашӣ, хатти барқ ва дигарҳо, ки ба ҳаёт ва саломатии маҳкумшудагон таъсири манфӣ мерасонанд. Аксари биноҳои муассисаҳои амалкунандаи мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз рӯи лоиҳаи намунавии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар давраи солҳои 1929-1950 сохта шудаанд ва ба азнавсозӣ ва таъмири ҷиддии асосӣ ниёз доранд;

– маблағгузорӣ ва таъминоти нокифояи моддӣ-техникӣ ва тиббии муассисаҳои ислоҳӣ.

– ба таври кофӣ мавҷуд набудани ҷойҳои корӣ ва фармоишҳо барои тавонбахшии меҳнатии маҳкумшудагон. Тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 аз шумораи умумии маҳкумшудагон 20% онҳо бо кори музднок ҷалб карда шудаанд;

– кам будани муассисаҳои ислоҳӣ барои занони маҳкумшуда. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ як муассисаи ислоҳии занона мавҷуд аст, ки боиси аз ҷойи зист ва оилаҳояшон дур нигоҳ доштани занони маҳкумшуда мегардад;

– маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ асосан тариқи казармавӣ нигоҳ дошта мешаванд, ки барои ислоҳ шудани онҳо мусоидат намекунад;

– нарасидани мутахассисони соҳаи тиб дар муассисаҳои ислоҳӣ;

– нокифоя будани чораҳо ҷиҳати тарбияи маҳкумшудагон ва реинтегратсияи онҳо ба ҷомеа. То ҳол дар ҷумҳурӣ Марказҳои мутобиқгардонии иҷтимоии шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда таъсис дода нашуда, Барномаи реинтегратсияи маҳкумшудагон низ қабул карда нашудааст;

– вазъи ташвишовари саломатии маҳкумшудагон, аз ҷумла беморони сил. Тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 бо

сабаби беморӣ 58 нафар маҳкумшудагон фавтидаанд, ки аз онҳо 41% бо касалиҳои дилу рагҳои хунгард вобаста мебошад. Дар байни маҳкумшудагон бемориҳои сил, ВНМО ва гепатит бемориҳои паҳнгашта ба ҳисоб меравconfigured;

– мунтазам ғанӣ нагардидани фонди адабиёти китобхонаҳои муассисаҳои ислоҳӣ. Аз рӯи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия шумораи китобҳо дар китобхонаҳои соҳа 38589 адад буда, аз инҳо танҳо 6267 ададашон китобҳои тозанашр мебошанд.

Зимни санҷиш, мониторинг ва боздидҳо ба кормандони муассисаҳои зикршуда дар бораи стандартҳои муносибат бо шахсони дастгиршудагон, талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт фаҳмонида шуда, оид ба бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта тавсияҳо дода шуданд. Натиҷаи мониторингҳо ҷиҳати чораҷӯӣ ба роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор расонида шуданд.

Ҷой доштани мушкилот дар самти тарбия, тариқи казармавӣ нигоҳ доштани маҳкушудагон, ҷудо нигоҳ дошта нашудани маҳкумшудагони узви ташкилотҳои экстремистӣ-террористии «ДИИШ», «Ансоруллоҳ» (Дар Тоҷикистон фаъолияташон манъ карда шудааст.) боис гардиданд, ки соли 2019 дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/2-и СРИҶҶ ВА воқеъ дар шаҳри Ваҳдат бетартибӣ рӯх диҳад.

Соли 2019 аз шахсони дар муассисаҳои ислоҳӣ нигоҳдошташаванда ва наздикони онҳо ба Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 18 муроҷиатҳо ворид гардиданд. Мазмуни асосии муроҷиатҳоро масъалаҳо оид ба мусоидат намудан барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани маҳкумшуда, гузаронидан ба муассисаи ислоҳии ҷумҳурӣ барои адои минбаъдаи ҷазои ҷиноятӣ, аз як колония ба колонияи дигар гузаронидан, муайян намудани макони адои ҷазо, барои татбиқи авф, ҳифзи ҳуқуқҳои шахси аз озодӣ маҳрумшуда, таъини ҷазои сабуктар, кам намудани мӯҳлати ҷазо, озод намудан аз муассисаи ислоҳӣ, таъини экспертизаи судӣ-тиббии такрорӣ, вохӯрии намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

бо маҳкумшуда, аниқ намудани мухлати адои ҷазо, вақти озодшавӣ ва вазъи саломатии маҳкумшуда, шикоят дар хусуси татбиқ нашудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» ва нисбати кормандони муассисаи ислоҳӣ ташкил мекунанд.

Бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон чор муроҷиат ҳалли мусбии худро ёфтанд. Масалан, муроҷиати шаҳрванд Н.Ҷ. дар хусуси норозӣ буданаш ба хулосаи комиссияи судӣ-тиббии комиссионӣ вобаста ба ташхиси бемориҳои бародараш – маҳкумшуда Н.И. баррасӣ гардида, аз натиҷаи экспертизаи такрорӣ бемориҳои маҳкумшуда ба гурӯҳи бемориҳои вазнин, ки монеаи адои ҷазо шуда метавонанд, мансуб дониста шуда, маротибаи дуюм аз ҷониби суд пешниҳоди пеш аз мухлат аз адои ҷазои минбаъда озод шудани Н.И. қонеъ гардонида шуда, ӯ аз муассисаи ислоҳӣ озод шуд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– беҳтар намудани шароити моддӣ-техникии ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ;**

**– андешидани чораҳо оид ба таъсис додани ҷойҳои кории иловагӣ барои маҳкумшудагон;**

**– дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсис додани муассисаи ислоҳӣ барои занон;**

**– андешидани чораҳои тариқи камеравӣ нигоҳ доштани маҳкумшудагон;**

**– беҳтар ба роҳ мондани хизматрасониҳои тиббӣ ба маҳкумшудагон;**

**– пайваста ғанӣ гардонидани фонди китобхонаҳои муассисаҳои ислоҳӣ бо адабиёти тозанашр;**

**– андешидани чораҳо оид ба озод намудани маҳкумшудагони мубталои бемориҳои вазнин, ки монеаи адои ҷазо шуда метавонанд.**

## 2.3. Ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ

Раванди даъват ва адои хизмати ҳарбӣ бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудааст.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини шароити моддию маънавӣ ва вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ, риояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо пайваста тадбирҳои муассир андешида шуда, сол аз сол шароити хизмат дар қисмҳои ҳарбӣ беҳтар мегардад.

Дар баробари дастовардҳо дар самти мазкур ҳоло ҳам баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Тавре аз мурочиатҳои ба Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридшуда ва таҳлили хабарҳои воситаҳои ахбори омма бармеоянд, то ҳол вайрон шудани ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ аз байн нарафтааст. Аз ҷумла, омилҳои зерин, аз қабили ташкили нодурусти даъват, сӯистифода аз мақоми хизматӣ ва чораҳои маъмурӣ, "иҳотагирӣ" (ҷалби маҷбурии ҷавонон ба артиш), паст задани шаъну шарафи инсонӣ, ноадолативу нобаробарӣ, мавҷудияти омилҳои коррупсионӣ ва дигарҳо ба вайроншавии ҳуқуқи даъватшавандагон оварда мерасонанд.

Риоя нашудани тартиби даъват сабаби вайрон гардидани ҳуқуқҳои бунёдии шахс, ба монанди ҳуқуқ ба озодӣ, дахлнопазирии манзил, дастрасӣ ба адолати судӣ, ҳуқуқ ба саломатӣ, инчунин ҳуқуқ ба шикоят мегардад. Чунин ҳолатҳо боиси зиёд гардидани шикоятҳо ба мақомоти дахлдори давлатӣ мегарданд. Тибқи маълумоти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 оид ба вайрон кардани ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ 24 мурочиат ба қайд гирифта шудааст.

Ба мақомоти прокуратураи ҳарбӣ низ дар маъракаи даъвати баҳорӣ ва тирамоҳии соли 2019 вобаста ба вайрон кардани тартиби даъват ба хизмати ҳарбӣ 81 мурочиат ворид

гардида, аз ин шумора дар 12 ҳолат риоя нагардидани талаботи қонун муайян ва бахри бартараф намудани қонунвайронкуниҳо чораҳои эътиноии прокурорӣ андешида шуданд.

Санҷишҳои прокурорӣ нишон доданд, ки масъулини комиссияҳои даъват ва комиссариатҳои ҳарбӣ бо мақсади пеш аз мухлат иҷро кардани нақшаи даъват ба қонунвайронкуниҳо роҳ дода, дар баъзе ҳолатҳо ба иҳотагирӣ даст задаанд. Дар натиҷаи баррасии чунин ҳолатҳо 20 нафар кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шудаанд.

Дар раванди адои хизмати ҳарбӣ низ баъзе мушкилиҳо, аз қабили риоя нагардидани қоидаҳои оинномавӣ ва ҷой доштани муносибатҳои ғайриоинномавӣ ба назар мерасанд.

Тавре аз маълумоти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, соли 2019 дар вазорат 18 ҷиноятҳои вайрон намудани қоидаҳои оинномавӣ, 22 ҳолати фирор, 8 ҳолати худсарона тарк кардани маҳалли хизмат ва 3 ҳолати саркашӣ намудан аз адои хизмати ҳарбӣ ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳуқуқвайронкунандагон чораҳои дахлдор андешида шуданд.

Соли 2019 аз ҷониби мақомоти прокуратура нисбати 58 нафар хизматчиёни ҳарбӣ барои содир намудани ҷиноятҳои фирор, саркашӣ намудан аз хизмати ҳарбӣ ва тарк кардани қисми ҳарбӣ 58 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст. Назар ба соли 2018 содиршавии ҷиноятҳои худсарона тарк намудани қисми ҳарбӣ ва фирор 6 адад ё 9,3 фоиз кам гардидааст.

Ҳолатҳои фавти хизматчиёни ҳарбӣ дар ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳ ҳоло ҳам ҷой доранд. Тибқи иттилои Вазорати мудофиа соли 2019 12 ҳолати фавти хизматчиёни ҳарбӣ (3 ҳолати худкушӣ, 2 ҳолати вайрон намудани қоидаҳои муносибат бо силоҳ, 4 ҳолати беморӣ ва 3 ҳолати садамаи нақлиёт) ба қайд гирифта шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қонунгузории миллӣ дар самти мазкур ба такмил ниёз дорад. Масалан, дар аксари давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон хизмати ҳарбии шартномавӣ ва

алтернативӣ ҷорӣ карда шудааст, вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз кӯшишҳо то ҳол шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ тавассути даъват ҷалб карда мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» хизмати алтернативиро низ пешбинӣ менамояд, аммо тартиб ва расмиёти адои онро муқаррар накардааст.

Сохторҳои дахлдори СММ низ дар самти мазкур ба Тоҷикистон як қатор тавсияҳо пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла, дар хусуси муоинаи ҳаррӯзаи бадани сарбозон, пешгирию ошкорсозии ҳолатҳои бузургсолорӣ, ҷудо нигоҳ доштани сарбозҳои навомада аз дигар сарбозон, дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани меъёр оид ба гузаронидани ҷабрдидагон ва шоҳидони шиканҷа ба дигар қисми ҳарбӣ то хотима ёфтани тафтишот ва муҳокимаи судӣ, андешидани чораҳои мушаххас ҷиҳати талофии зарар, расонидани ёрии тиббӣ ва психологӣ ва дигар тавсияҳо пешниҳод шудаанд. Ҷиҳати иҷрои тавсияҳои мазкур Нақшаи миллии амалҳо тасдиқ ва роҳандозӣ гардидааст.

Соли 2019 дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба вайроншавии ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои он 9 мурожиати хаттӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар онҳо оид ба масъалаҳои муомилаи бераҳмона ва лату куб, ғайриқонунӣ даъват кардан ба хизмати ҳарбӣ, пардохти ҷубронпулии зарари маънавӣ, озод намудан аз хизмати ҳарбӣ ва дигар масъалаҳо мурожиат карда шудааст. Масалан, С.А. дар мурожиаташ нисбати корманди Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фарзандашро лату куб намуда, ба ӯ зарари вазнини ҷисмонӣ расонида, дар натиҷа писараш вафот кардааст, шикоят намудааст. Мурожиати мазкур таҳти назорати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуда, аз натиҷаи тафтишот нисбати собиқ корманди Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва тафтишот идома дорад.

Муроҷиати ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ» оид ба санҷидани наворҳои «иҳотагирӣ» ва ҷалби маҷбурии ҷавонон ба артиш дар шабакаҳои интернетӣ тибқи тобеият ба Сарпрокуратураи ҳарбӣ фиристода шуд. Санҷиши прокурорӣ нишон дод, ки дар кирдорҳои кормандони Ҷамоати шаҳраки М.Турсунзодаи ноҳияи Рӯдакӣ қонунвайронкунӣ ошкор гардида, маводҳои ҷамъовардашуда аз рӯи тобеият ва қабули қарори қонунӣ ба Прокуратураи ноҳияи Рӯдакӣ ирсол гардида, дар баррасӣ қарор дорад.

Муроҷиати дигари ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ» дар хусуси ғайриқонунӣ ҷалб намудани шаҳрванд Ҳ.У. ба хизмати ҳарбӣ таҳти назорати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд. Аз ҷониби Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вайрон намудани тартиби даъвати шаҳрванд Ҳ.У. нисбати шахсони ба қонунвайронкуниҳо роҳдода қарори дахлдор қабул гардид.

Муроҷиати шаҳрванд Т.Х. дар хусуси аз тарафи комиссияи даъвати ноҳияи Қубодиён ғайриқонунӣ ба хизмати ҳарбӣ даъват намудани набераааш Т.Ш. – хонандаи Литсейи касбӣ-техникии н.Қубодиён ба Сарпрокуратураи ҳарбӣ фиристода шуд. Тибқи иттилои Сарпрокуратураи ҳарбӣ ваҷҳҳои дар муроҷиат баёншуда тасдиқи худро ёфта, аз натиҷа нисбати директори Литсей парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид. Т.Ш. аз адои хизмати ҳарбӣ озод ва ба Литсейи мазкур барқарор карда шуд.

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида мешавад. Соли 2019 дар қисмҳои ҳарбии 06870, 02615, 07033, 12019 ва 08010-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки зиёда аз 300 нафар афсарону сарбозон, инчунин кормандони қисмҳои ҳарбӣ дар мавзӯъҳои «Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ», «Муносибатҳои

ғайриоинномавӣ дар қисмҳои ҳарбӣ» ва «Пешгирии терроризм ва ифротгароӣ» чунин чорабиниҳо гузаронида шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ва адои хизмати ҳарбӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ;**

**– тақвияти чораҳои зарурӣ ҷиҳати аз байн бурдани ҳолатҳои ғайриоинномавии муносибат дар байни хизматчиёни ҳарбӣ;**

**– тақвият додани фаъолият ҷиҳати амалисозии Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи СММ барои солҳои 2019-2022;**

**– қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати алтернативии шаҳрвандӣ»;**

**– тақвияти чораҳо ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ.**

## 2.4. Ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо ва шахсони бешаҳрванд

Масъалаи гурезаҳо ва бешаҳрвандӣ хусусан дар асри XXI тамоюли глобалӣ пайдо кардааст, ки сабаби асосии он то рафт зиёд шудани низоъҳои дохилию байналмилалӣ ва авҷ гирифтани терроризму экстремизми байналмилалӣ мебошанд.

Ҳуқуқи гурезаҳо дар Конвенсияи СММ «Дар бораи мақоми гурезаҳо» аз соли 1951 ва Протоколи марбут ба он аз соли 1967, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (м.2 ва м.12), Конвенсияи СММ аз соли 1984 ба муқобили шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф (м.3), Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак (м.22) ва дигар санадҳои байналмилалӣ танзими ҳуқуқии худро ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ба Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо ва Протоколи он ҳамроҳ шудааст.

Қонунгузории миллӣ дар самти гурезаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи шаҳодатномаи гуреза» аз 26 сентябри соли 2016 №389, «Дар бораи номгӯи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он ҷойҳо муваққатан зист намудани шаҳрвандони паноҳҷӯянда ва гурезагон мумкин нест» аз 26 июли соли 2000, №325, «Дар бораи номгӯи кишварҳое, ки муваққатан зиндагӣ кардан дар онҳо то омадан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои рад намудани бақайдгирии илтимоснома доир ба гуреза эътироф намудани шахси хориҷӣ ва рад кардани эътирофи гурезагии ӯ» аз 26 июли соли 2000 №323, «Дар бораи комиссияи муштараки доимоамалкунандаи назди мақомоти корҳои дохилӣ оид ба муайян намудани мақоми гуреза» аз 30 ноябри соли 2018 №568, Низомномаи шаҳодатномаи муваққатӣ №446 аз 11 июли соли 2019 ва дигар санадҳо иборат аст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 16 муқаррар кардааст, ки Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷие, ки

гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштаанд, метавонад паноҳгоҳи сиёсӣ диҳад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» асосҳо ва тартиби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуреза донистани шахсони паноҳҷӯянда муайян гардида, кафолатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва манфиатҳои онҳо муқаррар шудаанд.

Тибқи қонунгузории миллӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки хоҳиши дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паноҳ ҷустан доранд, тавассути эътироф намудани мақоми гурезагӣ паноҳгоҳ дода мешавад.

Тибқи маълумоти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол 2300 нафар гуреза ва 533 нафар паноҳҷӯянда ба қайд гирифта шудаанд, ки 2 нафари онҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Украина, 1 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Туркия, 2 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Покистон ва боқимонда 2848 нафарашон шаҳрвандони Ҷумҳурии исломии Афғонистон мебошанд.

Дар асоси дархостҳои пешин ва соли 2019 пешниҳодшуда ба 930 нафар шаҳодатномаи муваққатӣ ва ба 622 нафар шаҳодатномаи гуреза дода шуда, ба 74 нафар шаҳрвандони хориҷӣ барои гирифтани мақоми гуреза бинобар пешниҳод кардани маълумоти беасос ва бардуруғ рад карда шудааст.

Дар самти ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо мушкилоти зиёд мавҷуд аст. Ба даст овардани мақоми гуреза, гузаштан аз бақайдгирии муваққатӣ, ҳамгироии маҳаллӣ, шуғл, таҳсил ва гирифтани маълумотномаи аз ҷойи зист аз ҷумлаи чунин мушкилиҳо мебошанд.

Механизми амалисозии ҳамгироии гурезаҳо, гирифтани ёрдампулӣ ва дигар навъи кӯмак, ҳуҷҷати сафарии гурезаҳо, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» пешбинӣ гардидааст, таҳия ва роҳандозӣ нашудааст. Инчунин дар ин самт барномаи давлатии ҳамгироии гурезаҳо қабул нашудааст.

Аз ҷониби сохторҳои дахлдори СММ низ оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти мазкур тавсияҳо пешниҳод шудаанд, ки

амалисозии онҳо дар Нақшаи миллии амалҳо оид ба рафъи табъизи нажодӣ барои солҳои 2018-2020 пешбинӣ гардидаанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо як қатор корҳоро анҷом дод. Соли 2019 ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба масъалаи гурезаҳо 2 муроҷиат (1 хаттӣ ва 1 шифоҳӣ) ворид шудааст. Масалан, тибқи дархости Намояндагии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо, ки тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардид бо паноҳҷӯянда-маҳкумшуда А.А. вохӯрӣ гузаронида шуда, оид ба вазъи саломатӣ ва шароити нигоҳдориаш маълумот ирсол карда шуд.

Ҳамчунин дар ин самт аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон машваратҳо ва чорабиниҳои иттилоотӣ баргузор карда мешаванд. Аз ҷумла, дар доираи ҳамкориҳо бо Намояндагии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба корҳои гурезаҳо 2 октябри соли 2019 вохӯрии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо роҳбарияти он баргузор гардид. Зимни вохӯрӣ масъалаҳои вазъи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи шахсони бешаҳрванд», ворид намудани масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо ва шахсони бешаҳрванд ба «Стратегияи ҳифзи ҳуқуқи инсон», тибқи қарори судҳо аз ҳудуди ҷумҳурӣ баровардани гурезаҳое, ки вазъи расмӣ надошта, мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба гурезаҳо ва дигарҳо баррасӣ шуданд. Санаи 15 октябри соли 2019 оид ба ин масъала бо намояндагони ВКД Ҷумҳурии Фаронса низ чунин як вохӯрӣ анҷом дода шуд.

Дар доираи ҳамкорӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии “Инсон ва адолат” рӯзи 21 июни соли 2019 барои кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мавзӯи «Вазъи ҳуқуқии шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мизи мудаввар гузаронида шуд.

Тибқи нақшаи дарсҳои бозомӯзии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои кормандони мақомот оид ба Конвенсияи СММ дар бораи мақоми гурезаҳо дарси омӯзишӣ гузаронида шуд.

Масъалаҳои гурезагон ва бешаҳрвандӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд.

Ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ дар як қатор санадҳои байналмилалӣ, мустаҳкам карда шудааст. Конвенсияи соли 1954 дар бораи вазъи апатридҳо ва Конвенсияи соли 1961 дар бораи кам кардани бешаҳрвандӣ санадҳои асосии танзимкунандаи бешаҳрвандӣ мебошанд, ки Тоҷикистон айни ҳол ба онҳо ҳамроҳ нагардидааст.

Ҳолатҳои зиёди бешаҳрвандӣ одатан дар мавридҳои аз байн рафтани давлатҳо ва пайдо шудани давлатҳои нав, табъизи нажодӣ, номукаммалии қонунгузорӣ, гум кардани шаҳрвандӣ бинобар зист дар хориҷи кишвар бе қайди дахлдор дар муассисаи консулӣ, никоҳҳои байни шахсони дорои шаҳрвандии гуногун пайдо мешаванд.

Бешаҳрвандӣ имрӯзҳо ба мушкилоти фаромиллӣ табдил ёфтааст. Мушкилоти мазкур шахсро аз ҳуқуқҳои қонунӣ маҳрум намуда, аз ҷиҳати сиёсӣ ва иқтисодӣ осебпазир мегардонад. Шахсони бешаҳрванд ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ, аз ҷумла ҳуқуқ ба рафту омади озод, дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳо, хизматрасонии тиббӣ, таҳсил ва кор бо мушкилоти ҷиддӣ дучор меоянд.

Роҳҳои кам кардани бешаҳрвандӣ гуногунанд. Яке аз онҳо содда гардонидани расмиёти гирифтани шаҳрвандӣ ва авфи шахсони бешаҳрванд мебошад.

Бо ин мақсад дар ҷумҳурӣ 8 августи соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав қабул карда шуд, ки муносибатҳоро оид ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда, асосҳо, принсипҳо, шартҳо ва тартиби соҳиб шудан ва қатъ намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Ғайр аз ин, соли 2018 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки дар фарқият аз қонуни қаблӣ дар номи ин қонун аллакай «шахсони

бешаҳрванд» ҳамроҳ гардидааст. Яъне амали ин қонун ба шахсони бешаҳрванд низ паҳн мегардад.

Бо мақсади қонунигардонии мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки ба таври ғайриқонунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштанд, 18 декабри соли 2019 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф вобаста ба қонунигардонии мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки ба таври ғайриқонунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд» қабул карда шуд.

Соли 2019 ба Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон **5** муроҷиатҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ворид гардид. Аз ҷумла, муроҷиати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Москваи ФР оид ба муайян намудани мансубияти И.Ш. ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ВКХ Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, муайян карда шуд, ки И.Ш. шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад.

Ҳамчунин муроҷиатҳои ваколатдорони ҳуқуқи инсони вилоятҳои Свердловск ва Нижегордски ФР оид ба муайян намудани мансубияти шаҳрвандии С.Л. ва Г.С. баррасӣ гардида, маълумотномаи дахлдор пешниҳод карда шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иттилоотии ҷомеа кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВАО оид ба вазъи риояи ҳуқуқи гурезаҳо ва бешаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста баромад мекунанд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи ҳуқуқи гурезагон ва шахсони бешаҳрванд тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд:**

**– такмили қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ оид ба гурезаҳо;**

**– қабули барномаи давлатии ҳамгироии гурезаҳо;**

**– андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷати сафарӣ барои гурезаҳо;**

**– андешидани чораҳо ҷиҳати фаро гирифтани гурезаҳо бо шуғл ва таҳсил ва расонидани кӯмакҳо;**

**– содда намудани расмиёти гирифтани шаҳрвандӣ;**

**– омӯзиши масъалаи ба тасвиб расонидани Конвенсияи соли 1954 дар бораи вазъи апатридҳо ва Конвенсияи соли 1961 дар бораи кам кардани бешаҳрвандӣ.**

## 2.5. Ҳуқуқ ба мурочиат

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд.

Санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби пешниҳод ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 1 июни соли 2017, №276 ва дигарҳо мебошанд. Санадҳои мазкур дар таҳрири нав қабул шуда, ҷиҳати ба тартиб даровардани раванди қабул, бақайдгирӣ ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат намуданд.

Дар баробари ин ҳоло ҳам қонунгузории танзимкунандаи самти мазкур ба такмил ниёз дорад. Масалан, дар моддаи 31 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо мақомоти давлатӣ ҳамчун субъекти қабули муроҷиат пешбинӣ шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» низ дар хусуси муроҷиатҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд меъёр пешбинӣ нашудааст. Масъалаи дигари ҳалталаб ин меъёри муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» мебошад. Инчунин дар қисми 2 моддаи 20 Қонуни мазкур ҳолатҳои истисноии тамдиди муҳлати баррасии муроҷиатҳо номбар карда нашудаанд, ки боиси кашолкории беасоси муҳлати баррасии муроҷиатҳо ва баҳсу шикоятҳои такрории муроҷиаткунандагон мегардад.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 аз тарафи мақомоти прокуратура дар хусуси вайрон кардани қонунҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон 20 (соли 2018-22) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Соли 2019 аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 парвандаи ҷиноятӣ дар хусуси вайрон кардани қонунҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар самти мазкур аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон корҳои муайян ба сомон расонида шуданд. Аз ҷумла, фаъолияти МИМҲД шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода ва КВД “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқули ноҳияи Рӯдакӣ” мавриди санҷиш қарор дода шуд. Санҷишҳо нишон доданд, ки дар фаъолияти мақомоту ташкилоти мазкур камбудиҳои зерин ҷой доранд: набудани дафтари бақайдгирии муроҷиатҳои мобилӣ ва электронӣ, сабт карда нашудани ҳолати иҷрои муроҷиатҳо, мавҷуд набудани лавҳаи иттилоотии «Тартиби муроҷиат ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ”, мутобиқат накардани дафтарҳои баҳисобгирии омории муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (замимаҳои 2, 3, 4 ва 5) ба Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, рақамгузорӣ ва муҳр надоштани дафтарҳои бақайдгирӣ, риоя накардани муҳлати баррасии муроҷиатҳо, огоҳ накардани муроҷиаткунандагон дар хусуси тамдид намудани баррасии муроҷиат, мавҷуд набудани ҳуҷраи алоҳида барои қабул ва дигарҳо. Аз натиҷаи санҷишҳо ба мақомоту ташкилоти мазкур ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои дахлдор пешниҳод гардид.

Соли 2019 дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 7 муроҷиатҳо вобаста ба амалишавии ҳуқуқ ба муроҷиат ба қайд гирифта шуданд. Шаҳрвандон дар муроҷиатҳои худ бештар оид ба нагирифтани ҷавоб ба муроҷиат аз мақомоти дахлдори давлатӣ, муносибати дағалонаи масъулин, қонеъ нагардидан аз натиҷаи баррасии муроҷиат ва ғайраҳо шикоят кардаанд.

Масалан, муроҷиати шаҳрванд И.А. оид ба саривақт баррасӣ нашудан ва нагирифтани посухи муроҷиатҳояш, ки ба суроғаи Ширкати саҳомии холдингии кушодаи “Барқи тоҷик” фиристода шуда буданд, дар ҷояш санҷида шуд. Аз натиҷаи санҷиш ҷавобҳои дархостнамудаи ӯ дастрас карда шуда,

нисбати корманди масъул чораи ҷазои интизомӣ андешида шуд.

Муроҷиати шаҳрванд М.П. дар хусуси ҷавоб нагирифтанаш ба муроҷиатҳояш таҳти назорати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд. Бо мусоидати Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрванд ҷавоби муроҷиатҳояш дастрас карда шуд.

**Бо мақсади риояи ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба муроҷиат тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд:**

**– такмил додани қонунгузории миллӣ дар самти муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;**

**– дар мақомоти давлатӣ, ки қабули муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудаанд, ҷудо намудани ҳуҷраи алоҳида барои қабули муроҷиаткунандагон;**

**– риояи ҳатмии мӯҳлатҳои баррасии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.**

## 2.6. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот

Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар аввалин қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ соли 1946 ҳамчун ҳуқуқи бунёдии инсон ва асоси ҳамаи озодиҳо арзёбӣ шудааст.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи шахсро ба ҷустуҷӯ, дастрасӣ, истифода, паҳн ва ҳифз намудани иттилоот кафолат медиҳад. Тибқи моддаи 25 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст.

Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ба гурӯҳи ҳуқуқҳое дохил мешавад, ки ҳатто дар давраи вазъияти фавқуллода маҳдуд карда намешаванд.

Ҷиҳати таъмин намудани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар ҷумҳурӣ заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ муҳайё карда шуда, аз ҷумла қонунҳо «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи сирри давлатӣ», «Дар бораи мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» қабул гардиданд. Санадҳои мазкур масъалаҳои вобаста ба озодии ВАО, манъи сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид, таъмини бехатарии иттилоотӣ, шароит барои рушди технологияҳои нави иттилоотӣ, шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъмини махфияти мукотиба ва ғайраҳоро ба танзим медароранд.

Ҳамзамон дар қонунгузории миллӣ баъзе норасоиҳо ҷой доранд. Дар санадҳои танзимкунандаи самти мазкур барои баррасии дархост ва пешниҳоди иттилоот муҳлатҳои ҳархела муқаррар шудаанд. Масалан, барои мурожиатҳое, ки омӯзиши иловагиро талаб намекунанд, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» то се рӯзи корӣ, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» муҳлати

кӯтоҳтарин вале на дертар аз сӣ рӯзи тақвимӣ ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» понздаҳ рӯз аз рӯзи ба қайд гирифта шуданашон пешбинӣ шудааст.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки муҳлатҳои дуру дарози пешбининамудаи қонунгузорӣ сабаби норозигии муроҷиаткунандагон ва муроҷиатҳои такрорӣ ва аз байн рафтани муҳимияти масъалаи дар муроҷиат ё дархост гузошташуда мегарданд.

Мушкилоти дигар дар ин самт махфикунонии худсаронаи иттилоот аз ҷониби баъзе роҳбарони мақомоту идораҳо ва ташкилотҳо, ба ҷавобгарӣ кашида нашудани шахсони гунаҳгор барои пешниҳод накардани иттилоот, таъсис дода нашудани хадамоти маълумотдиҳӣ, аз ҷумла Портали миллии иттилооти озод, сатҳи пасти сифати иттилооти пешниҳодшаванда, нокифоя будани шаффофият дар фаъолияти иттилоотии мақомоти давлатӣ, оммафаҳм набудани санадҳои меъёрӣ ва дигарҳо мебошанд.

Соли 2019 аз натиҷаи баррасии Гузориши даврии сеюми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ба Тоҷикистон оид ба таъмини плюрализм дар ВАО, фаъолияти озодонаи ВАО, дастрасӣ ба иттилоот аз мақомоти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кормандони ВАО ва ғайраҳо тавсияҳо пешниҳод шуда, ҷиҳати таҳияи Нақшаи миллии амалҳо фаъолият идома дорад.

Мусоидат ба риояи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот яке аз самтҳои афзалиятнок тибқи Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2016-2020 мебошад.

Дар доираи амалисозии Стратегияи мазкур соли 2019 мониторинги фаъолияти сомонаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии

суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Мониторингҳо нишон доданд, ки дар фаъолияти сомонаҳои мақомоти зикршуда баъзе норасоиҳо ҷой доранд. Аз ҷумла, пайваста илова нашудани маълумот оид ба фаъолияти мақомот, мавҷуд набудани маълумот оид ба стратегияҳо, барномаҳо ва консепсияҳои давлатӣ, мавҷуд набудани саҳифаҳои «пурсиш», «овоздиҳӣ», «саволи худро равон кунед», мавҷуд набудани маълумот дар бораи қабули мурочиатҳо аз ҷониби роҳбарият ва кормандони масъул. Аз натиҷаи таҳлили вазъи сомонаҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо дар самти риояи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Ҷиҳати дастрасӣ ба иттилоот нақши муассисаҳои соҳаи фарҳанг, ВАО ва алоқа муҳим аст. Тибқи маълумоти Вазорати фарҳанг дар ҷумҳурӣ 376 рӯзнома (112 давлатӣ ва 264 ғайридавлатӣ), 245 маҷалла (114 давлатӣ ва 131 ғайридавлатӣ), 317 матбаа (37 давлатӣ ва 280 ғайридавлатӣ), 45 нуқтаи фурӯши китоб (3 давлатӣ ва 42 ғайридавлатӣ), 71 нашриёт (10 давлатӣ ва 61 ғайридавлатӣ), 11 оҷонсии иттилоотӣ (1 давлатӣ ва 10 ғайридавлатӣ) фаъолият менамоянд.

Аз рӯи маълумоти Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ 93 адад муассисаҳои телевизионӣ, радио ва студияи истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ фаъолият менамоянд. Аз ин шумора 13 адад телевизиони давлатӣ, 10 адад радиои давлатӣ, 20 адад телевизиони хусусӣ, 23 адад радиои хусусӣ, 13 адад телевизиони ноқилӣ, 1 адад телевизиони IP ва 13 адад студияи истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ мебошад.

Тибқи маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии истифодабарандагони алоқаи мобилӣ 6 миллиону 892 ҳазору 222 нафарро ташкил медиҳад, аз он ҷумла 4 миллиону 838 ҳазору 891 нафарашон муштариёни фаъол мебошанд. Истифодабарандагони Интернет

2,97 млн. нафарро ташкил медиҳанд. Соли 2019 дар ҷумҳурӣ 15 адад провайдерон хизматрасониҳои интернетиро анҷом доданд.

Соли 2019 ба Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба дастрасӣ ба иттилоот 4 муроҷиат ворид гардидааст. Аз ҷумла, шаҳрванд А.М. дар хусуси аниқ намудани иттилоот дар хусуси доштан ё надоштани доғи судӣ, шаҳрванд З.Г. дар хусуси дастрас намудани нусхаи ҳукми Суди шаҳри Новосибирски ФР ва шаҳрванд К.В. дар хусуси гирифтани иттилоот оид ба дастрас намудани нусхаи шаҳодатномаи таваллуд ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мурожиат намуданд. Бо мусоидати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мурожиатҳои мазкур ҳалли мусбии худро ёфтанд.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти дастрасӣ ба иттилоот аз воситаҳои гуногун, аз қабили семинару мизҳои мудаввар, баромад дар ВАО, нашри мақола ва дигарҳо васеъ истифода бурда шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилоот чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:**

**– такмили қонунгузорӣ дар самти ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот;**

**– содда намудани расмиёти гирифтани иттилоот дар мақомоти давлатӣ;**

**– мунтазам ғанӣ гардонидани мазмуну муҳтавои сомонаҳои давлатӣ;**

**– таъсис додани хадамоти ягонаи маълумотдиҳӣ.**

## 2.7. Баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила

Ҳуқуқи баробари мардону занон дар моддаи 17 Контитутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст. Давлат иштироки баробари мардону занонро дар идоракунии давлатӣ таъмин менамояд. Таъмини ин баробарҳуқуқӣ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон низ таъкид гардидааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ шудани баробарҳуқуқии мардону занон пайваста чораандешӣ менамояд. Дар ин самт як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегия ва барномаҳои давлатӣ қабул шудаанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017–2022, Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 -2023 аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Аз натиҷаи баррасии гузориши даврии шашуми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Кумитаи СММ оид ба барҳам додани таъбиз нисбати занон ба Тоҷикистон тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуда, ҷиҳати иҷрои онҳо Нақшаи миллии амалҳо барои солҳои 2019-2022 тасдиқ ва амалисозии он ба роҳ монда шудааст.

Баробарии гендерӣ ва дастгирии занону духтарон ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 таъкид гардид. Аз ҷумла, қайд карда шуд, ки занону бонувони мамлакат дар татбиқи сиёсати давлат баробари мардон кору фаъолият намуда, дар рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ саҳми арзанда мегузоранд ва аз ин лиҳоз Ҳукумати

ҷумҳурӣ минбаъд низ дастгирии занону духтаронро густариш бахшида, ташаббусҳои созандаи онҳоро дастгирӣ менамояд.

Дар баробари пешравиҳо дар ин самт ҳамчунин баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Нобаробарии шумораи мардон ва занон дар мақомоти давлатӣ ва муассисаю ташкилотҳо, дастрасӣ ба таҳсилоти касбӣ, таъсири манфии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, зӯроварӣ дар оила, барҳамхурии оилаҳо, мавҷудияти одатҳо ва қолабҳои манфии замони гузашта, тақсимоти нобаробари уҳдадориҳои оилавӣ, кам будани марказҳои буҳронӣ ва нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила ва номукаммал будани қонунгузории соҳа аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамояд, ки дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 4407 нафар занон кор мекунанд, ки 23,8 фоизи шумораи умумии хизматчиёни давлатиро ташкил медиҳад. Шумораи кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон дар мақомоти давлатӣ 1047 нафар буда, 18,5 фоизро ташкил мекунад.

Солҳои охир бастани ақди никоҳ кам шуда, ҳолатҳои бекор кардани он зиёд шудааст. Тибқи маълумоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 қайди давлатии ақди никоҳ 79 070 ададро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба соли 2018 (с.2018 – 82 556) 3486 адад кам мебошад. Ҳолати бекор кардани ақди никоҳ дар соли 2019 12482 адад буда, дар муқоиса ба соли 2018 (с.2018 – 11013) 1469 адад зиёд мебошад.

Зӯроварӣ дар оила яке аз мушкилоти мубрами рӯз боқӣ мемонад. Дар ҷумҳурӣ ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила пайваста чораҳо андешида мешаванд. Аз ҷумла, дар низоми ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 нозирони минтақавӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, дар назди мақомоти давлатӣ ва ташкилоти ҷамъиятию байналмилалӣ 33 марказҳои буҳронӣ ва 3 паноҳгоҳҳои муваққатӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 105 марказҳои иттилоотию машваратӣ фаъолият менамоянд.

Соли 2019 аз ҷониби нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оилаи мақомоти ВКД 3917 шикоят ба қайд гирифта шудааст, ки 3185 адад нисбати мардон, 730 адад нисбати занон ва 2 адад нисбати ноболиғон мебошад. Аз натиҷаи баррасии шикоятҳои воридшуда нисбати 141 нафар парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва нисбати 6524 нафар аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст. Боқимонда 205 арзу шикоят аз рӯи тобеият ба дигар мақомот фиристода шуда, 47 шикоят дар баррасӣ қарор дорад.

Дар ин давра аз тарафи нозирони мазкур 1851 амрномаи муҳофизатӣ дода шуда, 10 110 сӯҳбат гузаронида шудааст. Ҷиҳати барқарорсозии равонӣ ва расонидани ёрии иҷтимоӣ 17 нафар ҷабрдидагон ба марказҳои бухронӣ фиристода шудаанд.

Мутаасифона, баъзе шаҳрвандон пас аз андешидани чораҳои дахлдор такроран ба кирдорҳои зӯроварӣ даст зада, аъзои оилаи худро азобу уқубат медиҳанд. Соли 2019 барои такрор намудани кирдори зӯроварӣ 35 нафар ба ҳабси маъмурӣ кашида шудаанд. Айни ҳол шумораи оилаҳои носолим 1721 ададро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 вобаста ба кирдорҳои зӯроварӣ дар оила 218 парванда нисбати 231 баррасӣ гардида, 179 парванда нисбати 189 нафар бо баровардани ҳукм (с.2018 174 парванда нисбати 193 баррасӣ, 156 парванда нисбати 165 нафар бо баровардани ҳукм) таъмин карда шудааст.

Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқи занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила соли 2019 аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон корҳои муайян анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, фаъолияти нозирони минтақавии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияҳои Шоҳмансур-2-и шаҳри Душанбе ва дар шаҳрҳои Кӯлобу Бохтар мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Натиҷаи санҷишҳо нишон доданд, ки дар баробари пешравиҳо дар фаъолияти нозирон баъзе норасогию камбудиҳо ҷой доранд, аз ҷумла дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, дуруст тартиб

надодани парвандаҳо, нокифоя будани маводҳо дар парвандаҳои баррасишаванда ва ғайраҳо. Ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда ба ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Вобаста ба зӯроварӣ дар оила соли 2019 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 6 мурочиат (с.2018 - 4 адад) ворид гардида, тибқи тобеият ба мақомоти дахлдори давлатӣ ирсол карда шуданд.

Бо ин мақсад соли 2019 дар шаҳрҳои Исфара, Кӯлоб, Бохтар, Хоруғ, ноҳияҳои Б.Ғафуров, Ҷ.Расулов, Деваштич, Спитамен, Ёвон, Айнӣ, Қубодиён, Рашт ва Восеъ чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуданд.

Зимни чорабиниҳои мазкур масъалаҳои фарҳанги оиладорӣ, сабабҳои ҷудошавии оилаҳо, мушкилоти заноне, ки бо шаҳрвандони хориҷӣ оила барпо кардаанд, пешгирии никоҳҳои маҷбурӣ ва бармаҳал, гирифтани шаҳодатномаи таваллуди кӯдак, маскункунӣ ва дигар ҳолатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Дар чорабиниҳои мазкур намояндагони сохторҳои маҳаллии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, раисони ҷамоатҳо ва маҳаллаҳо, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандии дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои дар боло зикршуда фаъолиятбаранда иштирок намуданд.

Ҳамчунин дар самти мазкур тавассути ВАО 14 баромад аз ҷумла, дар ТВ –1, радио – 5 , матбуоти даврӣ – 2, матбуоти электронӣ – 6 анҷом дода шудааст.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:**

**– андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати ҷалби бештари занон ба хизмати давлатӣ ва вазифаҳои роҳбарикунанда дар мақомоти давлатӣ;**

**– зиёд кардани чорабиниҳои иттилоотӣ дар ВАО ҷиҳати пешгирии кирдорҳои зӯроварӣ дар оила, никоҳҳои маҷбурӣ, ғайрирасмӣ ва бармаҳал;**

**– зиёд намудани шумораи нозирон ва марказҳои буҳронӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила.**

## 2.8. Ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ва тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои қабули муҳоҷирати меҳнатӣ пайваста чораандешӣ менамояд. Бо ин мақсад Тоҷикистон Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро ба тасвиб расонида, ҷиҳати иҷрои Конвенсияи мазкур соли 2019 Гузориши даври дуюми худро пешниҳод намуд. Аз натиҷаи баррасии Гузориши мазкур ба Тоҷикистон тавсияҳои дахлдор пешниҳод шуда, ҷиҳати иҷрои онҳо Нақшаи миллии амалҳо барои солҳои 2019-2024 тасдиқ карда шуд.

Тибқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати ВММША Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 шумораи умумии шаҳрвандоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд, 530 883 нафарро ташкил медиҳанд. Аз онҳо 518 066 (72431 занон) нафар ба ФР, 9771 нафар (занон 4131) ба Ҷумҳурии Қазоқистон ва 3046 нафар (занон 451) ба Ҷумҳурии Туркия рафтаанд. Соли 2019 тибқи квота ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷи кишвар 6700 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ҷалб карда шуданд. Шумораи муҳоҷирони меҳнатие, ки воридшавиашон ба ФР манъ шудааст, 267 324 нафарро ташкил медиҳад.

Ҳолатҳои фавти шаҳрвандон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ҳануз ҳам нигаронкунанда боқӣ мемонад. Аз маълумоти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки соли 2019 ба ҷумҳурӣ ҷасади 992 (с.2018 - 966) нафар интиқол дода шудааст, ки аз ин шумора 147 нафар зан мебошанд. Сабабҳои асосии фавти шаҳрвандони Тоҷикистон куштор (33 ҳолат), бемории (596 ҳолат), ҳодисаҳои нохуш (193 ҳолат), заҳролудшавӣ (25 ҳолат), худкушӣ (15 ҳолат), садамаҳои нақлиётӣ (121 ҳолат), сӯхтор (4 ҳолат) ва дигар сабабҳои номаълум (5 ҳолат) мебошанд.

Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор пайваста тадбирҳо андешида

мешаванд.

Бо мақсади мусоидат дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду соли охир бо якчанд давлатҳои қабулкунанда, аз ҷумла Федератсия Россия (17 апрели 2019), Ҷумҳуриҳои Қазоқистон (15 марти 2018), Амороти Муттаҳидаи Араб (16 апрели 2018) ва Қатар (3 феврали 2019) созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонид.

Барои тариқи муташаккилона фиристодани муҳоҷирони меҳнатӣ соли 2019 миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР Созишнома оид ба ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии муваққатӣ дар қаламрави ФР ба имзо расид. Соли 2019 аз ҷониби МД «Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа» ва дигар субъектҳои хоҷагидори дорои иҷозатнома 2 153 (с.2018 – 1 953) нафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ фиристода шудаанд.

Ҳамзамон соли 2019 бо мусоидати намояндагиҳои ВММША Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ФР музди меҳнати пардохтнашудаи муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Тоҷикистон ба маблағи 20 миллиону 523 ҳазор рубли русӣ баргардонида шуда, 34 қарорҳои судҳои марҳилаи аввал нисбат ба шаҳрвандони Тоҷикистон бо қарорҳои судҳои болоии ФР бекор карда шуданд. Инчунин 12 450 шаҳрвандони Тоҷикистон дар ФР бо ҷои кори доимӣ таъмин гардиданд.

Барои муайян намудани мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ ва андешидани чораҳои минбаъда ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо дар шаҳри Душанбе бо иштироки коршиносони соҳа Конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи «Раванди муҳоҷират дар кишварҳои Осиёи марказӣ: ҷанбаҳои иҷтимоӣ – иқтисодии илм ва таҷриба» (19 июли соли 2019) ва Конференсияи илми-амалӣ дар мавзӯи «Саҳми диаспораҳо ҷамъиятҳои фарҳангӣ дар таҳкими давлатдории миллии Тоҷикон» (7 ноябри соли 2019) гузаронида шуданд.

Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар хориҷи кишвар Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ваколатдорон оид ба

ҳуқуқи инсони Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Узбекистон, Озарбойҷон ҳамкориҳои дуҷонибаро ба роҳ мондааст. Дар ин раванд 21-22 майи соли 2019 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва дурнамо» баргузор гардид, ки дар кори он роҳбарони ниҳодҳои мазкур иштирок намуда, оид ба таҷриба, мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои минтақавӣ мубодилаи афкор намуданд.

Бо мақсади тавсеа додани доираи ҳамкориҳо дар сатҳи байналмилалӣ моҳи декабри соли 2019 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба узвияти Алянси Авруосиёии Омбудсменҳо шомил гардид. Алянси мазкур 5 декабри соли 2017 таъсис дода шуда, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Федератсияи Россия, Ҳимоятчии ҳуқуқи инсони Арманистон, Ҳақиқатчии (Омбудсмени) Ҷумҳурии Қирғизистон, Нозироти генералии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Комиссияи миллии ҳуқуқи инсони Муғулистон ва Омбудсмени Сербия аъзои он мебошанд. Ҳамчунин дар Алянс Омбудсмени Босния ва Гертсоговина ба ҳайси нозир иштирок мекунад.

Алянси мазкур бо мақсади мукаммалсозии механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои аҳолии кишварҳои аъзо таъсис дода шуда, кишварҳои ҳудуди Авруосиё метавонанд дар он аъзо бошанд ё ҳамчун нозир иштирок намоянд. Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Алянс ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо мебошад.

Ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли 2019 вобаста ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ 5 муроҷиат ворид шудааст. Муҳоҷирони меҳнатӣ асосан дар масъалаҳои пардохти музди меҳнат, пардохти товони зарар, бозгашт ба ватан, бекор кардани манъи воридшавашон ба ҳудуди ФР, эътибори ҳуҷҷати ронандагӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ихтисоси касбиашон дар ҳудуди ФР муроҷиат намудаанд. Ҳамаи муроҷиатҳо саривақт баррасӣ гардида, дар ҳалли масъалаҳо мусоидат карда шуд.

Соли 2019 фаъолияти сохторҳои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Турсунзода ва Ваҳдат мавриди санҷиш қарор дода шуд. Санҷиш нишон дод, ки аз ш.Турсунзода 10 733 (3088 зан) ва аз ш.Ваҳдат 16 135 (1185 зан) нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар рафтаанд. Аз муҳоҷирони бозгашта воридшавии 1055 нафарашон ба ҳудуди ФР манъ карда шудааст, ки мутаносибан 459 ва 596 нафарро ташкил медиҳанд.

Дар шаҳри Ваҳдат 179 нафар муҳоҷирони баргаштаро бо ҷои кори доимӣ, 150 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок ва 258 нафар ба курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзӣ фаро гирифта шуда, ба 41 нафар ба маблағи 73 600 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шудааст.

Корҳои мутобиқгардонӣ ва ҳамгироии муҳоҷирони меҳнатии бозгашта дар шаҳри Турсунзода беҳбудиро тақозо мекунад. Масалан, дар давоми нуҳ моҳи соли 2019 ҳамагӣ 12 нафар муҳоҷирони меҳнатии баргашта бо кори доимӣ таъмин карда шудаанд.

Аз натиҷаи санҷишҳо ҷиҳати беҳтар кардани корҳо дар ин самт ба мақомоти дахлдор тавсияҳо дода шуданд.

Таҳлили қонунгузории ФР дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ нишон медиҳад, ки тағйиру иловаҳои ба қонунгузории муҳоҷирати ФР воридшуда вазъи муҳоҷиронро мушкил менамояд. Масалан, соҳибмулке, ки барои қайди қалбакии шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд роҳ додааст, аз 100 то 500 ҳазор рубл бо таъини корҳои ислоҳӣ ба муддати 3 сол ё маҳрум кардан аз озодӣ ба муддати 3 сол ҷазо дода шуда, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванди дастгиршуда аз ҳудуди ФР хориҷ карда мешавад.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи муҳоҷирони маҳнатӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:**

**– тезонидани раванди қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ»;**

**– тақвият додани корҳо дар самти муташаккилона фиристодани муҳоҷирони меҳнатӣ барои кор ба хориҷи кишвар;**

**– андешидани тадбирҳо оид ба реинтегратсияи муҳоҷирони меҳнатии баргашта ба иқтисодиёти кишвар;**

**– андешидани тадбирҳо ҷиҳати мусоидат ба авфи муҳоҷирони меҳнатие, ки воридшавиашон ба кишварҳои қабулкунанда манъ шудааст.**

## 2.9. Ҳуқуқи маъюбон

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми бемор, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии шахсони имконияташон маҳдуд тадбирҳои муассир андешида мешаванд. Дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017–2020, Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 ва Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 амалӣ карда мешаванд.

Аз рӯи маълумотҳои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди умумии нафақагирон ба ҳолати 1 январи соли 2020 711 222 нафар мебошанд, ки аз онҳо нафақагирони маъюб 149 704 нафар, аз ҷумла маъюбони гурӯҳи I 15 562 нафар, гурӯҳи II 72 310 нафар ва гурӯҳи III 33 206 нафарро ташкил медиҳанд.

Соли 2019 аз ҳисоби буҷети давлат ба муассисаҳои пиронсолон ва маъюбон беш аз 36 миллион сомонӣ равона шуда, ҳаҷми кумакпулиҳо барои шаҳрвандони имконияташон маҳдуд беш аз 102 миллион сомониро ташкил намудааст.

Ҳамчунин ҷиҳати таъмини эҳтиёҷоти маъюбон бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Бо ин мақсад корхонаи давлатии “Заводи протезию ортопедӣ”-и шаҳри Душанбе бо филиалҳояш дар шаҳрҳои Хоруғ, Хуҷанд ва Кӯлоб соли 2019 ба 9 903 нафар ниёзмандон воситаҳои техникии тавонбахширо, аз ҷумла 805 адад аробачаи маъюбӣ, 1 532 адад асо, 697 ҷуфт асобағал, 427 адад асобағал то оринҷ, 173 дастгоҳи шунавоӣ ва 156 адад роҳгардак истеҳсол ва ба маъюбон дастрас намудааст. Маблағи умумии маҳсулоти истеҳсолшуда дар соли 2019 1 млн. 300 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумоти ВММША дар ҷумҳурӣ аз рӯи 97 ихтисос 14 самт 62 литсейи касбии техникӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 218 нафар маъюб ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар доираи амалисозии Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019 тавассути ҷойҳои кории бандшуда (квота) 228 нафар маъюб бо кор таъмин шуданд.

Тибқи маълумоти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ 23 нафар (7 нафар зан) маъюбон фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 9 нафар (2 нафар зан) маъюби гурӯҳи II ва 14 нафар (5 нафар зан) маъюби гурӯҳи III мебошанд.

Новобаста аз тадбирҳои андешидашуда, то ҳол дар самти амалишавии ҳуқуқи шахсони имконияташон маҳдуд баъзе мушкилот ба назар мерасанд. Аз ҷумла, таъмин набудани муҳити дастрас, нокифоя будани воситаҳои зарурӣ ҷиҳати дастрасии маъюбон ба иттилоот (сурдотарҷумон, сатри равон дар ТВ, маводҳо бо алифбои Брайл), набудани ҷойҳои кории иловагӣ ва каммузд будани ҷойҳои кории пешниҳодшаванда, паст будани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва сифати воситаҳои техникии тавонбахшӣ (аробачаҳои маъюбӣ, асобағал ва протезҳо), табъиз ва тамғазании иҷтимоӣ.

Дар амалия ҳануз ҳам дар баъзе ҳолатҳо меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» оид ба дастрасии маъюбон ба объектҳои инфрасохторӣ риоя намешаванд.

Тибқи маълумоти Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба танзим даровардани масъалаҳои дастрасӣ ва муҳайё сохтани муҳити дастрас ба маъюбон ва дигар гурӯҳҳои камҳаракати аҳолӣ соли 2019 вазъи 21 бино ва иншоотҳои навсохташуда мавриди санҷиш қарор дода шудааст. Аз натиҷаи санҷишҳо 28 камбудӣ ошкор шуда, ба масъулин 13 амрнома ва барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ нисбати 2 шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба маблағи 11 000 сомонӣ ҷарима таъин карда шудааст.

Аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон масъалаҳои таъмини муҳити дастрас ба маъюбон тибқи Меъёрҳои қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон 35-01-2012 дар ноҳияҳои Б.Ғафуров ва Ҷ.Расулов мавриди санҷиш қарор дода шуданд. Санҷишҳо нишон доданд, ки биноҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои мазкур, филиалҳои «Амонатбонк», дорухонаҳо ва марказҳои савдои санҷидашуда ба эҳтиёҷоти маъюбон мутобиқ гардонида нашудаанд.

Ҳамчунин хизматрасонии нақлиётӣ дар ноҳияҳои мазкур ба эҳтиёҷоти шахсони имконияташон маҳдуд ҷавобгӯй набуда, нақлиёти ҷамъиятӣ бо дастқаппак, асбоби болобардор, зинапоя ва дарҳои мувофиқ муҷаҳҳаз нашудаанд. Истгоҳҳо, чароғакҳо, гузаргоҳҳои пиёдагард ва зеризаминӣ низ ба эҳтиёҷоти маъюбон мутобиқ гардонида нашудаанд.

Дар ҷараёни санҷишҳои мазкур фаъолияти шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Б.Ғафуров ва Ҷ.Расулов мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Маълум гардид, ки бо вуҷуди сол аз сол беҳтар шудани вазъи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои номбурда норасоии мутахассисони соҳа, нокифоя будани маблағҳо ва ғайраҳо ҷой доранд. Аз натиҷаи санҷишҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо тавсияҳои дахлдор ирсол карда шуданд.

Соли 2019 ба Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби шахсони имконияташон маҳдуд 10 мурожиат ирсол гардидаст. Таҳлили мурожиатҳо нишон медиҳанд, ки онҳо асосан ба масъалаҳои расонидани кӯмаки моддӣ, қонунигардонии биноӣ сохташуда, ҷойгир намудан ба муассисаҳои иҷтимоӣ, баргардонидани маблағи қарз, ҷудо намудани қитъаи замин, кушодани сехи дузандагӣ, таъмин намудан бо манзили истиқоматӣ ва ғайраҳо вобастагӣ доранд. Мурожиатҳо саривакт баррасӣ гардида, оид ба ҳалли масъалаҳои дар онҳо гузошташуда ба мурожиаткунандагон мусоидат карда шуд.

Масалан, ба шаҳрванд - маъюби гурӯҳи II Ҳ.И. оид ба эътироф намудани соҳибмулкӣ ба бинои иловагии истиқоматиаш, ба шаҳрванд – маъюби гурӯҳи I З.О. барои гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ мусоидат карда шуд.

Соли 2019 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳрҳои Хоруғ, Кӯлобу Бохтар ва ноҳияҳои Айнӣ, Қубодиён, Восеъ ва Ёвон оид ба масъалаҳои шахсони имконияташон маҳдуд, коҳиш додани ҳолатҳои табъиз ва тамғазанӣ нисбат ба онҳо ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар ин самт бо иштироки кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ чорабиниҳои иттилоотӣ баргузор намуд.

Кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи шахсони имконияташон маҳдуд дар ВАО пайваста баромад намуда, маводҳо нашр мекунанд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи маъюбон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– тадриҷан таҷҳизонидани биноҳои истиқоматӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, гузаргоҳҳои пиёдагард ва зеризаминӣ вобаста ба эҳтиёҷоти маъюбон;**

**– таъмини дастрасии маъюбон ба иттилоот (сурдотарҷумон, субтитр, алифбои Брайл ва забони имову ишора);**

**– таъсиси ҷойҳои корӣ барои маъюбон;**

**– тақвияти чораҳои иттилоотиву маърифатӣ ҷиҳати фароҳам овардани муносибати таҳаммулгаро нисбат ба маъюбон.**

## 2.10. Ҳуқуқ ба саломатӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқ ба саломатӣ тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд. Аз ҷумла, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии имунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020, Барномаи миллӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва ғайраҳо қабул гардида, маблағгузории соҳа сол аз сол беҳтар мегардад.

Соли 2019 дар ҷумҳурӣ 154 муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сохта ба истифода дода шуда, бо технологияҳои муосир муҷҷаҳаз гардиданд. Дар ин раванд дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» бори аввал дар МД «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маркази мубориза бар зидди гепатитҳои вирусӣ таъсис дода шуда, ҳуҷраҳои он дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ марҳила ба марҳила ба фаъолият шурӯъ мекунанд.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ марказҳои солимии репродуктивӣ фаъолият доранд, ки барои ташхису табобати занони ҳомила мусоидат намуда, ҳамчунин ба занону духтарон оид ба масъалаҳои гендерӣ, пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳатмӣ будани муоинаи тиббии никоҳшавандаҳо маслиҳатҳои муфид медиҳанд.

Ҳамасола баҳри баланд бардоштани маърифати аҳолӣ оид ба аломатҳои хатарноки давраи ҳомиладорӣ, табобат ва пешгирии фавти модар дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ «Корвони саломатӣ» гузаронида мешавад. Аз ҷумла, соли 2019 зимни чунин чорабиниҳо 77 069 нафар занону кӯдакон аз муоинаи тиббӣ гузаронида шуда, ҷиҳати пешгирии таваллуди кӯдакони носолим чораҳои дахлдор андешида шуданд.

Дар баробари дастовардҳо, дар ин самт баъзе мушкилот низ ҷой доранд. Зиёд шудани бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла ВНМО/БПНМ ва нарасидани равоншиносон дар ин бахш, паст

будани сифати доруворӣ, паст будани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва ғайраҳо аз ҷумлаи мушкилоти асосии соҳа ба шумор меравaнд. Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2019 ҳамагӣ 1320 ҳодисаи нави сирояти ВНМО дарёфт ва бақайд гирифта шудааст, ки ин нишондод назар ба соли 2018 101 ҳолат камтар мебошад. Новобаста аз ин дар ҷумҳурӣ ҳануз ҳам мушкилии мазкур нигароникунанда боқӣ мемонад. Аз шумораи умумии дар қайди назорати диспансерӣ будагон ҳамагӣ 6961 нафар беморон ба табобати зиддиретровирусӣ (ЗРВ) фаро гирифта шудаанд ва табобатро идома доранд, ки 79,5 фоизро ташкил менамояд.

Имрӯз низ ҳолатҳои ба ВНМО гирифтор шудани муҳоҷирони меҳнатӣ ташвишовар боқӣ мемонад. Тибқи нишондодҳои омори расмӣ шумораи сироятёфтагони ВНМО дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2015 агар 10,1 фоиз бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2019 17 фоизро ташкил додааст.

Нашъамандӣ яке аз мушкилоти ҳалталаби соҳа боқӣ мемонад. Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ соли 2019 5375 нафар бемор ни гирифтори нашъамандӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 4004 нафар (74,5%) истеъмолкунандагони героин, 775 нафар (14,4%) афюн, 332 нафар (6,2%) бангдона ва 264 нафарро (4,9%) беморони бисёрнашъамандӣ ташкил мебошанд. Дар солҳои охир дар байни истеъмолкунандагони моводи нашъаовар истифодаи маводҳои сунъии экстазӣ мушоҳида шуда истодааст.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ ҷиҳати риояи ҳуқуқҳои шахсони гирифтори ВНМО пайваста чораандешӣ менамояд. Дар ин раванд фаъолияти Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Ёвон мавриди санҷиш қарор дода шуд. Санҷишҳо нишон дод, ки новобаста аз корҳои анҷомдодашуда дар марказҳои мазкур баъзе мушкилот ҷой дорад. Зиёд шудани шумораи беморони сироятёфта дар ин минтақаҳо, норасоии равоншиносон, паст будани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, кам

будани чорабиниҳои иттилоотӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот мебошанд. Омилҳои дигари зиёдшавии ВНМО дар ин минтақаҳо буду боши шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда, дар қайди доимӣ набудан, надоштани касбу кори муайян ва оворагардӣ мебошад, ки бақайдгирӣ ва ташхиси ҳатмии онҳо ғайриимкон мегардад. Аз натиҷаи санҷишҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Солимии аҳолӣ аз таъмини шаҳрвандон бо маводи доруворӣии босифат вобастагии зич дорад. Аз ин лиҳоз истеҳсоли маводи доруворӣии ватанӣ сол аз сол зиёд шуда, танҳо соли 2019 3 корхонаи истеҳсоли маводи доруворӣ ва коркарди гиёҳҳои шифобахш дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Данғара ва мавзеи Сарихосори вилояти Хатлон ба фаъолият шурӯъ кард.

Новобаста аз ин, ҳоло ҳам таъмини аҳолӣ бо маводи доруворӣ ва молҳои тиббии босифат, аз ҷумла кам будани номгӯи маводи доруворӣии истеҳсоли ватанӣ, рақобатнопазирии он дар бозори ҷаҳонӣ, воридшавии маводҳои доруворӣ пастсифат бо роҳи қочоқ ва ғайраҳо беҳбудиро тақозо мекунад.

Бештари маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ ба ҷумҳурӣ аз хориҷи кишвар ворид мегарданд, ки нархи гарон дошта, дастраси умум намебошанд. Аз санҷишҳои мақомоти ваколатдори соҳа бармеояд, ки соли 2019 1394 номгӯи маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ, ки муҳлати истифодабариашон гузаштааст ё ба талаботҳои пешбинишуда ҷавобгу нестанд, ба миқдори 132 787 адад аз муомилот гирифта шудаанд.

Яке аз мушкилоти ҷаҳони муосир авҷ гирифтани шаклҳои нави бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла вируси COVID-19 мебошад. Пешгирии вируси мазкур аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ андешидани тадбирҳои мушаххасро дар самти омода намудани мутахассисони соҳа, пурзӯр намудани назорати гузаргоҳҳои гумрукӣ, риояи меъёрҳои санитарӣ-гигиенӣ ва баланд бардоштани маърифати аҳолӣ тақозо мекунад.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати пешбурди ҳуқуқ ба саломатӣ як қатор

корҳоро анҷом дод. Аз ҷумла, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мушовири махсуси Дафтари барномаи СММ оид ба ВНМО/БПМН (UNAIDS) дар Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ профессор Мишел Казачкин вохӯрӣ барпо намуда, оид ба дастовардҳо ва мушкилоти соҳа мубодилаи афкор сурат гирифт.

Инчунин дар доираи лоиҳаи «Кам намудани монеаҳои вобаста ба ҳуқуқи инсон дар самти расонидани хизматрасонӣ оиди ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» рӯзҳои 1-2 июли соли 2019 дар мавзӯи "Ҳимояи ҳуқуқи шахсони сироятшудаи вируси норасоии масъунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масъуният" барои кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон семинари омӯзишӣ гузаронида шуд.

Соли 2019 дар самти ҳуқуқ ба саломатӣ ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 7 муроҷиати хаттӣ оид ба масъалаҳои мусоидат барои табобати ройгон ва ҷарроҳӣ, таъмин шудан бо маводи доруворӣ, муайян намудани гурӯҳи маъюбӣ, табобату истироҳат дар муассисаҳои низоми тандурустӣ ва ғайраҳо ворид гардид. Муроҷиатҳои воридшуда саривақт баррасӣ гардида, дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда мусоидат карда шуд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи ҳуқуқ ба саломатӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:**

**– андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати риояи ҳуқуқи шахсони мубталои ВНМО/БПНМ;**

**– таъмини марказҳои пешгирии ВНМО/БПНМ бо равоншиносон;**

**– андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини маводи доруворbooи босифат;**

**– андешидани чораҳои иловагӣ оид ба пешгирии бемориҳои сирояткунанда, аз ҷумла вируси COVID-19;**

**– баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар самти ҳуқуқ ба саломатӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим.**

## 2.11. Ҳуқуқ ба манзил

Ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ба манзил дар ҷумҳурӣ чораҳои дахлдор андешида мешаванд. Барои амалишавии ҳуқуқи мазкур кодексҳои манзил ва шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд.

Сохтмони манзил яке аз самтҳои муҳими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Солҳои охир вазъи таъмини аҳолӣ бо манзил беҳтар гардида, биноҳои истиқоматии ҷавобгӯи талаботи меъморӣ ва босифати дорои шароитҳои замонавӣ сохта шуданд, ки симои шаҳри Душанбе, марказҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зебо гардониданд.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ соли 2019 1 млн 364 ҳазор 500 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ сохта ба истифода дода шудаанд, ки назар ба соли 2018 (1 млн 98 ҳазору 500 метри мураббаъ) зиёд мебошад.

Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз натиҷаи баррасии Гузориши даврии дуюм ва сеюми Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба Тоҷикистон тавсия додааст, ки барои амали шудани ҳуқуқ ба манзили кофӣ, дастрас ва барои зиндагӣ мувофиқ мусоидат намояд. Ҷиҳати иҷрои тавсияи мазкур Нақшаи миллии амалҳо барои солҳои 2015-2020 тасдиқ гардида, амалисозии он ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон дар ин самт баъзе камбудиҳо, аз қабили мувофиқат накардани қонунгузории манзил ба талаботи имрӯза, муддатҳои тулонӣ дар навбат истодани эҳтиёҷмандон ба манзили истиқоматӣ, кам будани меъёри майдони истиқоматӣ ба ҳар шахс, дар як манзили истиқоматӣ зиндагӣ намудани якчанд оила, фарсуда ва садамавӣ будани баъзе биноҳои истиқоматӣ, талаботро қонеъ накардани ҳаҷми сохтмони манзил, баланд будани арзиши манзил нисбат ба даромади аҳолӣ, паст будани фарҳанги нигоҳдорӣ ва

истифодаи ҷойҳои умумӣ дар биноҳои истиқоматӣ, сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва инъикоси нокифояи тарзу воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил дар ВАО ҷой доранд.

Кодекси амалкунандаи манзил дар маҷмӯъ ба талаботи ҳозира ҷавобгӯй набуда, зарурати дар таҳрири нав қабул намудани он ба миён омадааст. Ҳамчунин дар самти таъмини шаҳрвандон ба манзил дар сатҳи ҷумҳурӣ то ҳол барномаҳои дахлдори давлатӣ қабул карда нашудаанд.

Соли 2019 аз тарафи кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил" дар ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе мавриди санҷиш қарор дода шуд. Санҷиш нишон дод, ки дар тавозуни КВД "Манзилхизматрасон"-и ноҳия 231 бино ва 5296 ҳуҷраи истиқоматӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо 13622 нафар аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст. Вобаста ба хизматрасониҳои коммуналӣ дар биноҳои бисёрхонагӣ байни КВД «Манзилхизматрасон» ва истиқоматкунандагони бинои бисёрхонагӣ, шартнома ба муддати як сол баста мешавад. Дар рафти санҷиш маълум гардид, ки мушкилоти асосӣ дар бисёр мавридҳо аз тарафи «Истеъмолкунанда» саривақт пардохт накардани ҳаққи хизматрасониҳо мебошад. Инчунин ҳолатҳои дар муҳлати муқарраршуда баррасӣ накардани муроҷиатҳои хаттӣ низ ҷой доранд.

Ҳарчанд бо аҳолӣ вохӯриҳо гузаронида шаванд ҳам, корҳои иттолоотонӣ вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти фарҳанги шаҳрдорӣ нокифоя мебошад.

Соли 2019 ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти ҳуқуқ ба манзил 49 адад, аз ҷумла 23 адад (с.2018 – 22 адад) муроҷиати хаттӣ ва 26 адад (с.2018 – 23 адад) муроҷиати шифоҳӣ ворид гардидааст. Муроҷиатҳо масъалаҳои вобаста ба муайян намудани соҳибмулкӣ, ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ, баргардонидани маблағи саҳмӣ, норозигӣ аз

ҷуброни зарар, нархгузории манзили бартарафшаванда, иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ, муфлисшавии онҳо ва ғайраҳоро дар бар мегиранд.

Ба шаҳрвандон С.У., РШ., Т.З. барои муайян намудани соҳибмулкӣ ба манзили истиқоматӣ, К.Г. барои ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ, С.Ш. барои бозпас гирифтани маблағи саҳмӣ ва дигарон, ки дар ин самт муроҷиат намуда буданд, дар ҳалли масъалаҳои гузоштагшудааашон мусоидат карда шуд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба манзил тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– қабули Кодекси нави манзил ва барномаҳои давлатии рушди сохтмони манзил;**

**– андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати таъмин намудани эҳтиёҷмандон, хусусан гурӯҳҳои осебпазир бо манзил;**

**– таъсис додани фонди манзили иҷтимоӣ;**

**– фаъол намудани нақши кумитаҳои маҳалла дар баланд бардоштани фарҳанги шаҳрнишинии аҳолӣ;**

**– тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ оид ба оқибатҳои ҳуқуқии сохтмони худсарона сохташуда.**

## Хотима

Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 аз ду қисм таркиб ёфта, дар он самтҳои асосии фаъолияти мақомоти мазкур, вазъи риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар қисми аввали Маърӯза дастоварду мушкилоти мавҷуда дар самти таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон, татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013–2020 инъикос гардидаанд.

Дар Маърӯза қайд мегардад, ки дар 10 соли фаъолият ҷиҳати таҳкими иқтидори мақомот тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд. Аз ҷумла, теъдоди хизматчиёни давлатии мақомот зиёд гардида, дар маркази вилоятҳо намояндагиҳо ва дар баъзе шаҳру ноҳияҳо қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шуданд. Намояндагиҳо дар шаҳрҳои Хоруғ, Бохтар, Хуҷанд аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ дар шаҳрҳои Кӯлоб, Исфара, Турсунзода ва ноҳияҳои Рашт, Айнӣ ва Қубодиён аз ҷониби шарикони рушд маблағгузорӣ мешаванд.

Айни ҳол дар Дастгоҳи марказӣ 25 нафар (2009 - 17 нафар), намояндагиҳо 6 нафар ва дар маҷмӯъ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 31 нафар хизматчиёни давлатӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора 8 нафар ё 25,8% зан мебошанд.

Соли 2019 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Алянси Авруосиёии Омбудсменҳо ҳамроҳ гардид, ки ба он инчунин Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон шомиланд.

Соли 2019 дар доираи ҳамкориҳо бо шарикони рушд аз ҷониби роҳбарияти мақомот 32 (с.2018 - 16) вохӯриву мулоқотҳои судманд анҷом дода шуданд.

Дар буҷети давлатӣ соли 2019 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 751 953 сомонӣ ҷудо шуда буд, ки назар ба соли 2018 150 818 сомонӣ зиёд аст. Дар ин сол барои Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба маблағи 1 635 325 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон ба маблағи умумии 116 628 сомонӣ ҷудо гардида, мақсаднок истифода бурда шуданд.

Дар маҷмуъ соли 2019 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 386 566 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 22% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон бо мақсади таҳкими минбаъдаи иқтидори мақомот гузаронидани маблағгузории намояндагиҳо аз буҷети маҳалӣ ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби шарикони рушд ба буҷети мақомоти ВҲИ мувофиқи мақсад дониста шудааст.

Соли 2019 дар мақомоти ВҲИ 3249 адад (с.2018 - 3522) муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 587 адад хаттӣ ва 2662 адад муроҷиатҳои шифоҳӣ мебошанд. Аз ин шумора, 700 адад (с.2018 - 599 адад) дар Дастгоҳи марказӣ ва 2549 адад (с.2018 - 2923 адад) дар намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ба қайд гирифта шуданд.

Аз 700 адад муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар Дастгоҳи марказӣ ба қайд гирифта шуданд, 302 адад (с.2018 - 225) аризаву шикоятҳои хаттӣ ва 398 адад (с.2018 - 374) муроҷиатҳои шифоҳӣ буда, 398 адад ё 56,8% ба занҳо рост меояд.

Аз муроҷиатҳои ба Дастгоҳи марказии ВҲИ воридшуда 45 адад (14 муроҷиати хаттӣ ва 31 муроҷиати шифоҳӣ) ё 6,4% (с.2018 - 55 адад) муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мусбат ҳал карда шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ 2549 адад (с.2018 - 2923 адад) муроҷиатҳои шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо

муроҷиатҳои хаттӣ 285 адад (с.2018 - 632 адад) ва муроҷиатҳои шифоҳӣ 2264 адад (с.2018 - 2291 адад)-ро ташкил медиҳанд.

Бо мақсади мусоидат намудан дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти ВҲИ дар соли 2019 ба 26 лоиҳаи (с.2017 - 61) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо хулосаҳо омода ва пешниҳод шуданд.

Инчунин дар ин давра кормандони мақомоти ВҲИ дар фаъолияти 17 (с.2018 - 16) комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳо вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон иштирок намуданд.

Фаъолияти гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба мониторинги муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, Кумитаи роҳбарикунандаи лоиҳаи шарикии СММ барои пешбурди ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ, гурӯҳи кории татбиқи Ҳадафи 16 Ҳадафҳои Рушди Устувор, Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои уҳдадориҳои Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак, оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 ва ғайраҳо самаранок буданд.

Дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кормандони мақомоти ВҲИ дар 8 (с.2018 - 11) мурофиаҳои судӣ иштирок намуданд.

Соли 2019 аз ҷониби мақомоти ВҲИ 92 (с.2018 - 57) санҷишу мониторинг ва боздид (41 санҷиш, 32 мониторинг ва 19 боздид) гузаронида шуданд. Аз ҷумла, 16 муассисаи пӯшида ва қисман пӯшида, 16 муассисаҳои таҳсилотӣ томактабӣ ва ҳамагонӣ, 8 маркази саломатӣ, 7 муассисаи будубоши доимии кӯдакон мавриди санҷишу мониторинг қарор дода шуданд.

Аз натиҷаи санҷишу мониторингҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба роҳбарони мақомоту идораҳои дахлдор гузоришу тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Соли 2019 нисбат ба соли 2018 гузориш ва баромадҳои кормандони мақомоти ВҲИ дар ВАО бештар гардид. Дар ин

сол 341 баромад (с.2018 - 327) (79 баромад дар ТВ, 115 баромад дар радио, 42 мақола дар матбуоти даврӣ ва 105 мавод дар матбуоти электронӣ) дар воситаҳои ахбори омма таъмин карда шудааст.

Дар соли 2019 бо ибтикори мақомоти ВҲИ 47 (с.2018 - 63) семинару конференсия ва мизҳои мудаввар гузаронида шуд. Аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи "Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва дурнамо" гузаронида шуд, ки дар кори он 19 нафар аз хориҷи кишвар, 24 нафар аз корпусҳои дипломатии муқими Душанбе, 11 нафар аз сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, 56 нафар аз мақомоту идораҳои давлатӣ, 11 нафар аз воситаҳои ахбори умум ва 8 нафар волонтёрон-донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ 130 нафар иштирок намуданд.

Дар доираи амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 бо мақсади тақвият додани донишҳои касбии шахсони тамоси вазорату идораҳо (34 нафар) дар ҳамкорӣ бо Дафтари барномаҳои САҲА дар шаҳри Душанбе ду маротиба (рӯзҳои 23-27 апрел ва 29 октябр то 1 ноябри соли 2019 тренингҳои омӯзишӣ баргузор карда шуданд.

Дар қисми 2 Маърӯза масъалаҳои вобаста ба вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ, иҷрои тавсияҳое, ки аз ҷониби сохторҳои марбутаи СММ пешниҳод шудаанд, рафти иҷрои Стратегияи фаъолияти ВҲИ барои солҳои 2016 – 2020 ва дастоварду мушкилоти ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон инъикос гардидаанд.

Дар ин қисми Маърӯза бо мақсади бартарафсозии мушкилоти мавҷуда ва беҳтар намудани вазъ дар самти таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, оид ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф - 6, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида - 7, ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати

ҳарбӣ - 5, ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо ва шахсони бешаҳрванд - 6, ҳуқуқ ба мурочиат - 3, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот - 4, баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила - 3, ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ - 4, ҳуқуқи маъюбон - 4, ҳуқуқ ба саломатӣ - 5 ва ҳуқуқ ба манзил - 5, дар маҷмӯъ 52 тавсия пешниҳод гардидааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон итминон дорад, ки Маърӯзаи мазкур барои густариши ҳамкориҳои минбаъда бо мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ мусоидат намуда, иҷрои тавсияҳои пешниҳодшуда барои боз ҳам беҳтар шудани вазъи риоя, пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ таъсири мусбӣ мерасонад.